**МУҲАММАДАЛИИ АҶАМӢ**

# ҲАР СУБҲ МАН ЗИ ИШҚИ ТУ ОҒОЗ МЕШАВАМ…

***Дафтари ашъор***

«Адиб»
Душанбе
2012

ББК 84 Тоҷик 7-4
А-31

Муҳаррир *Асрори Сомонӣ*

А-31 **Муҳаммадалии Аҷамӣ. Ҳар субҳ ман зи ишқи ту оғоз мешавам...** *(Дафтари ашъор)* – Душанбе, «Адиб», 2012, 200 саҳ.

Дафтари ашъоре, ки дар ихтиёр доред, аз чакидаҳои хомаи Муҳаммадалии Аҷамӣ фароҳам омада, натиҷаи омӯзишу андӯзиши пайвастаи мусаннифашон мебошанд, ки аз маҷмӯаи нахустин то гулчини ҳозир талоши аз хуб бахубтар расидан, нав ёфтану нав гуфтан дошта, дар ин ҷода, ғолибан, тавфиқ ҳам ба даст овардааст.

Инак, ба умеди истиқболи хушашон, баёзи нави ашъори шоир пешкаши ҳаводорони каломи бадеъ мегардад.

ISBN 978-99947-2-246-4

© Муҳаммадалии Аҷамӣ, 2012

# ҚАЛАМЧАИ САБЗИ ҚАЛАМ

Ман ин шоири имрӯз дар шеър баркамолро ҳанӯз аз қадамҳои аввалинаш дар ҷодаи шеър мешиносам. Дар маҳфилҳои адабие, ки дар Қӯрғонтеппаву Душанбе баргузор мегардиданд, шеърҳои нахустини худро шармидаву ҳаросида қироат мекард, ҳозирин эҳсос менамуданд, ки агар ин ҷавон дар роҳи сухан булҳавасӣ накунад, муваффақ хоҳад буд.

Зиндагӣ, ба қавли Бедили соҳибдил, нақди ҳазор озор аст, яъне пур аз гармиву сардиву пур аз афтодану бархостан аст. Аҷамӣ ҳам барои таъмини рӯзгораш худро ба ҳазор кору користон зад, ҳатто ба Сибир рафту дар конҳои ангишт арақи ҷабин рехт, аммо лаҳзае аз шеър дур набуд. Шеърҳои Муҳаммадалӣ аз ҳамон ибтидо мушаххас, нишондор, мӯъҷаз ва орӣ аз такаллуфҳои бемавқеъ буданд.

Баъди фурӯпош гардидани Иттиҳоди Шӯравӣ ва кушода шудани роҳҳои иртибот бо кишварҳои ҳамзабони ҳамсоя дар эҷодиёти Аҷамӣ таҳаввулоти назаррас ба вуқӯъ пайваст. Вай ҳамчун эҷодкори омӯзанда ва таҳқиқгар бо назми Афғонистону Эрон шиносоии амиқ пайдо кард, бурду бохти ҳамқаламони ҳамзабонро бо назари танқид омӯхт ва ба сухану маҳорату ҳунари худ рангу бори тоза бахшид. Шеърҳои ӯ аз лиҳози ороишу пероиш хеле барҷаста гардиданд. Ва, гӯё, гуфтаи шоири бузурги Эрон Нимо Юшич дар кори ӯ раҳнамо буд. Нимо фармуда буд, ки шеъри ба форсӣ эҷодшудаи Тоҷикистон аз лиҳози мазмун пешрафта аст, аммо ба пироишу ороиш ниёз дорад. Аксари шеърҳои Аҷамӣ, воқеан, ҳунармандона ва шоирона суруда шудаанд. Ӯ дар навъҳои гуногуни адабӣ шеър меофарад ва дар бештари ҳолатҳо муваффақ аст.

Солҳои охир дар адабиёти тоҷик ғазалсароӣ авҷ гирифт. Касе, ки ду-се ғазал медонад, муқаллидона ба гуфтани ғазал сар кард. Аммо ғазалҳои Аҷамӣ нигоҳи тоза, нафаси тоза ва паёми тоза доранд. Тасвирҳои шоир бисёр нозук, гарму равшан ва хотирнишинанд. Мехоҳам аз ду ғазали Муҳаммадалӣ ду байт мисол орам:

Сарзаминам чун Сиёвуш аз дили оташ гузашт,
Сарбаландӣ мечакад аз соғари таскини мо.

* * *

Ғазал мекард дар ойина гесӯйи парешонро
Ва мегардонд даври хештан ин чархи гардонро.

Хонандаи ҳушёр зуд дармеёбад, ки равзанаи ғазал яке кушода шудаасту ба хонаи ғазал ҳавои тоза роҳ ёфтааст. Аҷамӣ дар гуфтани маснавӣ ва дубайтӣ низ, ки аз навъҳои устувори адабиёти бостонии мо мебошанд, ҳунарманд аст:

Баҳори ноз аз нози ту омад,
Ҳавои ишқ аз сози ту омад.
Намедонам, ба ойина чӣ гуфтӣ,
Шаб аз ойина овози ту омад.

* * *

Чу як эъҷоз меоям дубора,
Чу ишқу роз меоям дубора.
Барои дастҳои интизорат
Ман аз оғоз меоям дубора.

Барои шоире, ки шеъри хубро аз бад фарқ мекунад, дар кадом навъ гуфтани шеър бетафовут аст. Ман инро барои он мегӯям, ки шеър гуфтан дигар асту шеъри

нағз гуфтан дигар аст ва ин нағзгӯӣ аз дарки амиқи шеъри нағз сарчашма мегирад. Яъне, вазну қофияро донистан ҳанӯз асоси шеър гуфтан нест. Ба ин чаҳорпораҳои Аҷамӣ таваҷҷӯҳ кунед:

Қаламкаши ту қисмати маро
Навиштааст дар ҷабини ту,
Ки пушт- пушти ман, ҷавону пир,
Ба хоб рафта дар замини ту!

* * *

Бурун-бурун ба ранҷу ҳасратам,
Дарун-дарун алам гирифтаам.
Зи нахли хоки поки Рӯдакӣ
Қаламчаи қалам гирифтаам.

Оё ин пораҳо таърихи мо, сарнавишти мо, такопӯю ҷустуҷӯҳои маънавиу сиёсии мардуми Тоҷикистони соҳибистиқлолро таҷассум намекунанд? Ба оҳанг, ба равонӣ, ба сохти таркибу ибораҳо ва маънии онҳо таваҷҷӯҳ фармоед. Ба шоире, чун Аҷамӣ, ки сахт суннатгарост ва, албатта, ин сунанро дар либоси тозаи имрӯзӣ ҷилва медиҳад, гуфтани шеъри сапеди муваффақ осон нест. Аммо ӯ тавонистаасту мегӯяд:

Дигар наметавонам,
Бо сурмаи калимот
Нози дубайтиҳои чашмонатро
Наққошӣ кунам.
Ҳар чӣ менигарам,
Калимот торик аст,
Маро бубахш!
Чароғи шеър
Ба ин содагӣ рӯшан намешавад.

Ҳоло, ки китоби мукаммали ашъори шоир рӯ ба рӯи хонанда аст, наметавон зиёда сухан гуфт. Суханро шеърҳо хоҳанд ба забон овард. Ҳамчунон ки дар боло омад:

Зи нахли хоки поки Рӯдакӣ
Қаламчаи қалам гирифтаам.

Бигзор ин қаламча ҳамеша сабз бошад.

***Гулназар,***
***шоири халқии Тоҷикистон,***
***Барандаи Ҷоизаи адабии давлатии***
***ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ.***

# ФАСЛИ НИГОҲ

*(Чаҳорпораҳо)*

## ВАТАН

Шинохтам ман аз ту хешро,
Ватан! Ба ту сипоси бекарон.
Набудаӣ, набуда шеъри ман,
Қасам ба рӯҳи поки рафтагон.

Шукӯҳи безавол ёфтам
Ман аз ҳавову хоку оби ту!
Паём аз ту ҳар саҳар диҳад
Маро саманди офтоби ту!

Зи ишқи софу синасӯзи туст
Маро ҷунуну шӯру ҷон, Ватан!
Зи чор сӯйи даҳр ин замон
Маро ба худ бихон, бихон, Ватан!

Қаламкаши ту қисмати маро
Навиштааст, дар ҷабини ту!
Ки пушт-пушти ман, ҷавону пир,
Ба хоб рафта дар замини ту!

Ғами Сиёвушону Коваҳост,
Ғаме, ки ҷонгудоз гаштааст.
Чӣ дастҳо, ниҳону ошкор,
Ба қасди ту дароз гаштааст!

Бурун-бурун ба ранҷу ҳасратам,
Дарун-дарун алам гирифтаам.
Зи нахли хоки поки Рӯдакӣ
Қаламчаи қалам гирифтаам!

Шинохтам ман аз ту хешро,
Ватан, ба ту сипоси бекарон!
Набудаӣ, набуда шеъри ман,
Қасам ба рӯҳи поки рафтагон!

## ЭЙ ДИЁРИ ЛОЛАҲО

Лолаҳо дар пуштаҳо, хуни ҷигар,
Хӯрдани хуни ҷигар сахт аст, сахт.
Ҳар ду, охир, як дарахти қисматем,
Хӯрдани захми табар сахт аст, сахт.

Ин чӣ ваҳшат буд, ки омад бар сарат,
Ин чӣ тақдире барои тоҷик аст?!
Офтоби хастаи вақти ғуруб,
Чун сари аз тан ҷудои тоҷик аст.

Ҳар куҷо кованд, агар хоки туро,
Зиндаи тоҷик меояд бурун.
Эй мазори мурдаҳои бекафан.
Эй диёри лолаҳои ғарқи хун!

Дар Самарқанд об гаштам ҳамчу қанд,
Дар Бухоро низ хорам кардаанд.
Хешро тоҷик гуфтам, душманон.
Чун шаҳиди сарбадорам кардаанд.

Лолаҳо дар пуштаҳо, хуни ҷигар,
Хӯрдани хуни ҷигар сахт аст, сахт!
Ҳарду, охир, як дарахти қисматем,
Хӯрдани захми табар сахт аст, сахт!

## ҲУРМАТИ ХОКИ ВАТАН

Шикаста қуфли шабро шед берун шуд,
Чу зиндонӣ, ки аз зиндон бурун гашта.
Бароянд, гӯиё, аз ҳалқаи душман,
Ватандоре саропо ғарқи хун гашта!

Барои ҳурмати хоки Ватан умре,
Бибояд зиндагонӣ кард, чун хуршед.
Бурун бояд шуд аз шабҳои зулмонӣ,
Бурун онсон, ки меояд бурун хуршед.

Агар хоҳем чун миллат шукуфтанро,
Забони хуни мо бояд шавад бедор.
Забони хуни мо бояд шавад хуршед,
Ки хуни мурда миллатро наояд кор.

Расидан нест осон бар мурод охир,
Басе деворҳо бояд, ки бишкастан.
Бубояд хонаи хуршедро дарёфт,
Агар хоҳем бо хуршед пайвастан.

Шикаста қуфли шабро шед берун шуд,
Чу зиндонӣ, ки аз зиндон бурун гашта.
Бароянд, гӯиё, аз ҳалқаи душман,
Ватандоре саропо ғарқи хун гашта.

## ДУЗДИ ҚИСМАТ

Донам, надорад ин фалак парвои шеъри ман,
Бошам ман аз барои ӯ як марди ёвагӯ.
Суде намерасад бар ӯ аз шеърҳои ман,
Бар шеъру шоъирии ман туф кардааст, ӯ.

Ман ҳам гузаштам аз ҳама савдои чархи дун,
Туф кардаам чу шоъири Тӯсӣ бар ин фалак.
Буду набудро ҳама барбод додаам,
Танҳо на ман шикастадил бошам дар ин фалак.

Ман дузди қисмати худам, дигар маро бубахш,
Ҳарчӣ бигуфтам, ин ҳамон афсонаасту бас.
Поёни хайр дорад, ин андӯҳи синасӯз,
Дилро дигар ту дил магӯ, девонаасту бас.

Худро ба дор мезанам, дар пойи шеъри худ,
Дилро сиёҳ мекунад, шайтони ин ҳавас.
Як шеър монда дар дилам, чун охирин умед,
Як шеър монда дар дилам, чун охирин нафас.

## САРНОМА

Чӣ мепурсӣ, ки оғоз аз куҷо дорам?
На огоҳӣ ту аз Сосону Сомонам.
Ба садҳо қарн дорам решаҳои сабз,
Маро хун пир мегардад ба шарёнам.

Самарқанду Бухорову Хуросон буд,
Рагу пайванди ман дар пайкари таърих.
Ман ин ҷо мондаам бо чашми ҳайратбор,
Ки марде ояд аз пушти дари таърих.

Ба фарқи чарх агар тоҷи сухан будам,
Ба фарқи ман, валекин теғу ханҷар буд.
Расидам, то ба имрӯз аз миёни хун,
Агар дар пеши рӯ садди Сикандар буд.

Нагаштам аз мадори худ ҷудо ҳаргиз,
Задам дар меҳвари худ дав чун афлок.
Диравши Кова ку? Адли Фаридун ку?
Амон аз морҳои дӯши ин Заҳҳок.

Манам он миллати сарсахт дар дунё,
Лаби шамшеру ханҷар зиндагӣ кардам.
Миёни оташу хокистари таърих,
Намурдам, чун самандар зиндагӣ кардам.

Чӣ мепурсӣ, ки оғоз аз куҷо дорам?
На огоҳӣ ту аз Сосону Сомонам.
Ба садҳо қарн дорам решаҳои сабз,
Маро хун пир мегардад ба шарёнам.

## ГУВОҲ

Ба рағми ин, ба рағми он,
Сухан дурӯ сурудаам.
Дурӯи дил шикастааст,
Дурӯ, вале набудаам!

Ба панҷ ҳисси худ нафас,
Кашидам аз ҳавои шеър.
Чӣ заҳрҳо аз ину он,
Чашидаам барои шеър.

Дарун-дарун бисӯхтам,
Хушо-хушо фано шавам.
Худо кунад, Худо кунад,
Зи хештан ҷудо шавам.

Хушо, шабе шарар шавам,
Ба дарди шеър хӯ кунам.
Ду ракъат аст шеър, агар,
Ба хуни дил вузӯ кунам.

Чӣ бок, агар сукуту ғам,
Дили маро кунад сиёҳ.
Биҳиштиам маро чу ҳаст,
Фариштаи сухан гувоҳ,

Ба рағми ин, ба рағми он,
Сухан дурӯ сурудаам.
Дурӯи дил шикаст, агар,
Дурӯ, вале набудаам.

## ТАРОНАВУ БОД

Шоъиру шеър гарчи бисёр аст
Нестам, гарчӣ шоири машҳур.
Шеъри ман хунбаҳои ишқи ман аст,
Хунбаҳои ҷавонаки мағрур.

Шеър бисёр хондаам, аммо,
Беҳтарин шеъри ман, ҳанӯз туӣ.
Дар китобам агар, ки сӯзе ҳаст,
Сӯзи ман нест, созу сӯз туӣ.

Бе ҳавои муҳаббатат, эй ёр,
Ин ҳама ёваҳо чӣ кор ояд?
Ман, баҳорам аз он хазон гардид,
Ки хазони туро баҳор ояд.

Гарчи дурем, мо ба ҳам монем,
Чун намонад ба ҳам таронаву бод,
Шояд, акнун таронаат ин аст,
«Ин ҷаҳон нест ҷуз фасонаву бод»[1].

Дар раҳат, эй фариштаи шеърам,
Дар раҳат, эй расули девонам.
Бо ду чашмони боз мемирам,
Қадаматро бинеҳ ба чашмонам.

Шоиру шеър, гарчи бисёр аст,
Нестам, гарчӣ шоири машҳур.
Шеъри ман хунбаҳои ишқи ман аст,
Хунбаҳои ҷавонаки мағрур.

---

[1] Мисраъ аз устод Рӯдакӣ аст.

## ДУХТАРИ БОРОН

Боз омад баҳори кокулсабз,
Духтари сабзчеҳраи борон.
Мехиромад ба ҷониби саҳро,
Ҷомааш сабзаасту гул, домон.

Духтари сабз, сабз меояд,
Дӯст дорам, канори сабзашро.
Духтари сабз, сабз мерақсад,
Дӯст дорам, хумори сабзашро.

Медамад гул зи гесӯвони сабзаш,
Духтаре ошиқ аст, медонам.
Ӯ барои дилам ғазал гӯяд,
Ман барои дилаш ғазал хонам.

Духтаре ошиқ аст, медонам,
Ҳеч кас, чун баҳор зебо нест.
Гиряаш мисли хандааш зебост,
Дар дилаш абрҳои боронист.

Духтари қадрасидааст баҳор,
Тан бишӯяд дар обгинаи сабз.
Сӯи саҳро равам ба дидани ӯ,
То ниҳам сар ба рӯи синаи сабз.

Боз омад баҳори кокулсабз,
Духтари сабзчеҳраи борон.
Мехиромад ба ҷониби саҳро,
Ҷомааш сабзасту гул, домон.

## ОРЗУ

Бихоҳам баргҳои дарди худро,
Бирезам чун дарахтони сари роҳ.
Дилам холӣ шавад аз ғурбату ғам,
Дилам холӣ шавад аз ҳасрату оҳ.

Баҳорон сабз гардам бори дигар,
Бишӯяд резаборонҳо сарамро.
Бигирям дар таҳи борони найсон,
Набинад ҳеҷ кас чашми тарамро.

Агарчи хандаҳое дар лабам ҳаст,
Вале дорам, басе дарди ниҳонӣ.
Ки ман ҳам чун дарахтони сари роҳ,
Табарҳо хӯрдаам дар зиндагонӣ.

# НИГОРИСТОНИ АБРӮ

*(Фасли ғазал)*

## ВАТАН

Ватан, сархатти дастонам ту ҳастӣ,
Шукӯҳи бовару шонам ту ҳастӣ!

Бузургӣ ончунон, аз ҷон фаротар,
Ки яъне, маънии ҷонам ту ҳастӣ!

Агар дунё, сару сомон надорад,
Сари болову сомонам ту ҳастӣ!

Чӣ дидам, ҳафт шаҳри ишқ гаштам,
Ҳамон, сӣ мурғи ирфонам ту ҳастӣ!

Ман аз таърих ҳаққи худ бигирам,
Ба рӯзи дод бурҳонам ту ҳастӣ!

Ҳадиси ишқи ту поён надорад,
Ватан, сархатти дастонам ту ҳастӣ!

## ИШҚИ ВАТАН

Ғами ишқат Ватан, дар сина мемирам,
Ба рағми кинаҳо бекина мемирам.

Зи дасти пинадӯзи зиндагӣ, эй дӯст,
Сабоҳе бо дили пурпина мемирам.

Агарчи дилбаре ёдам намеорад,
Ба ёди дилбари дерина мемирам.

Баҳори сабзгесӯ боз меояд,
Ба лаб номи ту, эй сабзина, мемирам.

Бимонад баъди ман ҳам, шишаву соғар,
Ки ман бо хирқаи пашмина мемирам.

Манам, он ташнаву гардун саробе ҳаст.
Ки ташна дар бари ойина мемирам.

Гузаштам аз сару савдои ин дунё,
Ғами ишқат, Ватан, дар сина мемирам.

## ЗУҲУРИ ИШҚ

Кушо гесӯ, ки имшаб ҳамчу гесӯи парешонам,
Пур аз шеър аст чашмонам, пур аз ишқ аст дастонам.

Ҳама ин шеърро, ин ишқро назри ту хоҳам кард,
Фалакҳоро биларзонам, малакҳоро бичархонам,

Сукути ту маро саршор мекард аз садои ишқ,
Чаро ойина мебандӣ, ки чун ойина ҳайронам.

Дар ин қаҳтии рӯйидан, дар ин қаҳтии бишкуфтан,
Ба ёдат шеър мегӯям, ба номат шеър мехонам.

Биё, дар қобҳо ҷон додани тасвирҳоро бин,
Зуҳӯри ишқ аз домони машриқҳост, медонам.

Маро, эй дастҳои меҳрубон, обод кун, обод,
Бидуни дастҳои ту чӣ ночизам,чӣ вайронам.

Намебинӣ, тамоми осмон пеши ту мерақсад,
Ба рақс овар нигоҳатро ба рақс овар,бирақсонам.

## ЭЪҶОЗ

Ҳамон шаб, ки чашми ту эъҷоз мекард,
Ба рӯям дари бастаро боз мекард.

Нафасҳои дасти ту парвона мешуд,
Дар ойина бебол, парвоз мекард.

Сукути ғарибі маро мешикаст, оҳ,
Маро сад найистон аз овоз мекард.

Касе дар ғазалҳои ман ашк мерехт,
Касе дар ғазалҳои ман ноз мекард.

Ғазалмаснавиҳои гесӯят, аммо
Маро ошно бо шаби роз мекард.

Кӣ буд ӯ, ки месӯхт ҳар шаб худашро?
Саҳар зиндагӣ боз оғоз мекард.

Замин бӯса бар шонаи арш мезад,
Ҳамон шаб, ки чашми ту эъҷоз мекард.

## ГУЛИ МАҲТОБ

Чаро чашми туро бовар накардам?
Чаро испанд дар миҷмар накардам?

Чаро бо шишаҳо розе нагуфтам?
Шароби шавқ дар соғар накардам.

Шабе пурсидамат аз ширмаҳтоб,
Гули маҳтобро пар-пар накардам.

Нишастам бар мазори орзуҳо,
Ба ашке бедҳоро тар накардам.

Қалам бигрифтаму аз худ гузаштам,
Қалам, таслими зӯру зар накардам.

Ду чашми ту пули рангинкамоне буд,
Чаро чашми туро бовар накардам.

## АЗ КАВСАРИ ЧАШМОНАТ

Менӯшаму менӯшам аз кавсари чашмонат,
Мехушкаму мерӯям, дар печаки дастонат.

Бӯсидаму бӯйидам, нолидаму хандидам,
Имшаб чӣ намозе буд, дар каъбаи имонат.

Печидаму печидам, чархидаму чархидам,
Бо ёди ту афтодам, чун кушта ба майдонат.

Чашмони сиёҳи ту лабрези дубайтиҳост,
Нав гашта ғазалҳоям, дар сояи мижгонат.

Гум гаштаму гум гаштам, он қадр, ки хум гаштам,
Хам гашта қади сад хум, аз хам-хами зулфонат.

То ҳастаму то ҳастӣ, то мастаму то мастӣ,
Менӯшаму менӯшам аз кавсари чашмонат.

## ИН ШАҲРИ САБЗ

То шеъри чашмҳои ту тафсир мешавад,
Ҷонам пур аз ҷалолати тасвир мешавад.

Аз парда то бурун шавад, он моҳи рӯи ту,
Ойина дар ҳавои рухат пир мешавад.

Сад бор зинда гардаму сад бор ҷон диҳам,
То ишқи ту катибаи тақдир мешавад.

Иқлими гесувони ту аз обу хок нест,
Ин шаҳри сабз бе ту чӣ дилгир мешавад.

Дар хоби ман ҳамеша гули ёс мешавӣ,
Ин хоби ман, бигӯ, ки чӣ тадбир мешавад?

Лабрез аз кароматн шеър аст ҷони ман,
То шеъри чашмҳои ту тафсир мешавад.

## ДАР ЛАВҲИ ДИЛ

Такрор чӣ зебост, агар номи ту бошад,
Мазмуни ду олам ҳама дар номи ту бошад.

Шерози ғазал мешавам аз нози хаёлат,
Шодобтар аз атри саҳар номи ту бошад.

Тӯфони хабар мавҷ занад, дар ҳама дунё,
Дар ин ҳама беҳуда, хабар номи ту бошад.

Садбор, агар хок шавам, боз бирӯям,
Дар лавҳи дил, эй шавқи назар номи ту бошад.

Ҳеҷ аст балоҳои раҳи ишқ ба ошиқ,
Вақте ки раҳоварди сафар номи ту бошад.

Такрор шавад ҳар чӣ, зи худ ранг бибозад,
Такрор чӣ зебост, агар номи ту бошад.

## ҒАЗАЛИ ОЙИНА

Ғазал мекард дар ойина гесуйи парешонро,
Ва мегардонд даври хештан ин чархи гардонро.

Сукути дастҳои ӯ ҳавои осмон медод,
Ман, охир, мешиносам шӯру шавқи бодахоронро.

Ҳамин дирӯз меомад зи нахлистони ғурбатҳо,
Ва ман аз чашми ӯ мехондам овози найистонро.

Чаманзори пур аз руъё, шукуфон дар хиёбонҳо,
Тамошо кун, тамошо, чидани гулҳои боронро.

Дигар гарде дар ин ҷо нест, як марде дар ин ҷо нест,
Ки баъди ӯ намепурсад, касе ҳоли ғарибонро.

Ман ӯро боз ҳам дидам, ба дасташ дасти тӯфон буд,
Ғазал мекард дар ойина гесуйи парешонро.

## НАЗРИ МАРДУМ

Агар дар шаби ғам табассум накардам,
Даме риштаи меҳрро гум накардам.

Чу пойиз тай шуд баҳорони умрам,
Зимистон шуду фикри ҳезум накардам.

Агарчанд дардошнойи шумоям,
Ба ҷуз бо дили худ такаллум накардам.

Ду чашмат биҳишти ҷавонии ман буд,
Ман аз худсарӣ қасди гандум накардам.

Магар, моҳҳо ёри соқӣ набудам,
Магар, солҳо хидмати хум накардам.

Чӣ меҳоҳӣ, эй ишқ, дигар зи ҷонам,
Диламро магар назри мардум накардам.

## ДАРАХТИ ДИН

Меваҳои куфр сар зад аз дарахти дини мо,
Бутшикан марде намеояд зи Ҳинду Чини мо.

Дар самоъи майкашон масте чунин мехонд дӯш,
Боданӯшӣ аввалин шарт аст дар ойини мо.

Кист, то моро бихонад сӯйи худ аз рӯйи меҳр,
Бӯйи сад исфанд дорад субҳи фарвардини мо.

Нимашаб дасти дуо бар осмон бардоштем,
Пас чаро аз хок болотар нарафт омини мо?

Сарзаминам чун Сиёвуш аз дили оташ гузашт,
Сарбаландӣ мечакад аз соғари таскини мо.

Гарчи умре тинати сабзи биҳиштӣ доштем,
Меваҳои куфр сар зад аз дарахти дини мо.

## ОЙИНАВУ ОБ

Ман, ойинаву об хоҳам, дигар ҳеч,
Сабӯҳиву мизроб хоҳам, дигар ҳеч.

Дар ин шаб, шаби меҳрубонӣ, шаби ишқ,
Чаканпӯши Маҳтоб хоҳам, дигар ҳеч.

Дилам баски, бигрифт аз хам-хами чарх,
Хами зулфи пуртоб хоҳам, дигар ҳеч.

Малулам, аз ин пастакон, гар биёӣ,
Баландии Варзоб хоҳам, дигар ҳеч.

Ало, шайхи гандум, ало ҳазрати хум,
Ҳамон бодаи ноб хоҳам, дигар ҳеч.

Сафар, ҳамсафар то фаросӯи ишқ аст,
Ман ойинаву об хоҳам, дигар ҳеч.

## НИГОРИСТОНИ АБРӮ

Саҳар дар бодҳо гул мекунад борони ҳу-ҳуят,
Дило, моро бигардон дар нигористони абрӯят.

Намедонам, чӣ фардо пеш ояд, лек медонам,
Ба самти Шарқ хоҳад гашт имшаб қиблаи рӯят.

Ба ман кай он қадар ҳам холи рӯят даст хоҳад дод,
Дахиле бастаам аз гул ба «Байтуллоҳ»- и гесӯят.

Ба номи ту ҳамеша ишқ худро мекунад таъбир,
Ту, охир, кистӣ, хуршед шуд таъвизи бозӯят?

Куҷо Ҷибрил дорад тоби сайри чашмҳоятро,
Дубайтӣ месароям то саҳар дар наъти абрӯят.

Баҳор овоз мехонад, шабоҳанги шукуфтанҳост,
Саҳар дар бодҳо гул мекунад борони ҳу-ҳуят.

## ҲАВОИ ОРЗУ

*Ба дӯстам Доро Наҷот,*
*шоири парвонаҳо*

Хушо, вақте ки дар дил орзуе ҳаст,
Самоъе ҳаст, ишқе ҳаст, ҳуе ҳаст.

Хушо, вақте сухан ҷуз меҳрубонӣ нест,
Гуле ҳасту гулобе ҳасту бӯе ҳаст.

Вафо, эй дӯст дар ойини дунё нест,
Сабӯҳӣ кун, сабӯҳӣ, то сабӯе ҳаст.

Расидам то ба хатти охирин дар ишқ,
Садое гуфт: Он сӯтар, ки сӯе ҳаст.

Ба хоки хоксорон арҷ мебояд,
Ки Зам-зам зери пои хокпӯе ҳаст.

Тамошо мекунам худро дар ин тасвир,
Хушо, вақте ки дар дил орзуе ҳаст.

## ДИДОР

Тариқат расму ойин аст, медонам,
Дуо то ҳаст, омин аст, медонам.

Ғазалҳоям чунон мушки Хутан хушбӯст,
Агарчи мушк мушкин аст, медонам.

Мақоми дил зи аршу фарш болотар,
На аз Ҳинду на аз Чин аст, медонам.

Ҳазор асрор дорад Бесутуни ишқ,
Ғами Фаҳод Ширин аст, медонам.

Ба даври ишқ мечархад ҳама ҳастӣ,
Хати ҳастӣ ҳама ин аст, медонам.

Ба дидори ту рӯзе мерасам, эй ишқ,
Тариқат расму ойин аст, медонам.

## ДУ-СЕ РАТЛЕ...

Ду- се ҳарфе, биё, аз ӯ бихонем,
Ду-се ратле, биё, ҳу- ҳу бихонем.

Ишорат мекунад моҳи нав имшаб,
Ду- се саҷда хами абрӯ бихонем.

Намози шукр бигзорем якчанд,
Ду байт аз машриқи гесӯ бихонем.

Ба тарзи худ ҳама муштоқи маъшуқ,
Ба тарзи худ ҳама ку-ку бихонем.

Чӣ фарқе мекунад, аҳли куҷоем,
Биё, аз шаш тараф сӯ-сӯ бихонем.

Ҳар он кӣ дил биҷӯяд, ҳамдили мост,
Ду- се ҳарфе, биё, аз ӯ бихонем.

## ҲАСРАТИ ШАМШОДҲО

Боз ҳам фарёдҳо дар синаам,
Хор- хори ёдҳо дар синаам.

Омадам боз аз фаросӯи ғазал,
Ҳой-ҳойи бодҳо дар синаам.

Омадам аз боғҳои сабзи ишқ,
Ҳасрати шамшодҳо дар синаам.

Ҷуръа-ҷуръа он қадар ғам хӯрдаам,
Ғурбати хурдодҳо дар синаам.

Зиндагӣ чун зулфи ту печидааст,
Печ-печи додҳо дар синаам.

Боз ҳам дар худ шукуфтам, эй баҳор,
Боз ҳам фарёдҳо дар синаам.

## ИМРӮЗ

Осмон, осмонтар аст имрӯз,
Зиндагӣ меҳрубонтар аст имрӯз.

Чашмҳоят ба ман чунин мегуфт,
Бекарон, бекаронтар аст имрӯз.

Ишқро дастҳои ту медонад,
Рӯҳи пирам ҷавонтар аст имрӯз.

Домани боғ интизори мост,
Боғ ҳам гулфишонтар аст имрӯз.

Ишқро чун ҳамеша муштоқам,
Шеърҳоям равонтар аст имрӯз.

Бо ту будан камоли хушбахтист,
Осмон, осмонтар аст имрӯз.

## РАНГ ДАР РАНГ

Эй дили мурда, баҳор аст, дигар зинда бишав,
Сарву шамшод ба бор аст, дигар зинда бишав.

Ранг дар ранг бинозад чаман аз раҳмати абр,
Шаш тараф нақшу нигор аст, дигар зинда бишав.

Чанд пажмурдаву афсурда кашӣ зачру хумор,
Фурсати рафъи хумор аст, дигар зинда бишав.

Ба канор он ҳама ахбори ҷаҳонро бигузор,
Хабар аз бӯсу канор аст, дигар зинда бишав.

Шоири қофияҳо, чанд ғазал хонӣ ба ҳеч,
Ғазал он қомати ёр аст, дигар зинда бишав.

Оҳ, тарсам, ки аз ин роз ба ғафлат гузарӣ,
Эй дили мурда, баҳор аст, дигар зинда бишав.

## ТАМРИНИ ХАЁЛ

Ду, рӯзе мешавад дар чашми худ тасвири такрорам,
Пур аз абрам, пур аз абри ғазал, аммо намеборам.

Алифбои хаёли туст, ҳар шаб мекунам тамрин,
Ҳузури туст, агар нав мешавад ҳар лаҳза ашъорам.

Таҳаммул кай тавонам кард талхии фироқатро,
Ки хӯ карда ба қанди ишқи ту тутии гуфторам.

Ба рағми мункирон, вақте Худои меҳрубоне ҳаст,
Надорам бок, агар хезад ҳама дунё ба инкорам.

Тасалло медиҳам худро, ки рафтан ҳарфи охир нест,
Чӣ бошад ҷон, ки ман аз ишқ ҷони дигаре дорам.

Агарчӣ чун ҳамеша зиндагӣ аз ранг саршор аст,
Ду, рӯзе мешавад, дар чашми худ тасвири такрорам.

## ШЕЪР БИХОН

Шеър бихон, шеър, ғами дил фузуд,
Ҷони ман, аз чуну чароҳо чӣ суд.

Аз фалаку аз малак Одам баланд,
Чист дигар, қиссаи буду набуд?!

Зоҳиди мағрур ба як нози ёр,
Боз дари майкадаҳоро кушуд.

Фалсафа мебофт, яке пири ишқ,
Гуфт:- Бирав, барканад ин тору пуд.

Ин ҳама дастор муборак туро,
Бода бикаш, нест дили мо ҳасуд.

Ишқ ба ҳақ дар ду ҷаҳон раҳмат аст,
Шеър бихон, шеър, ғами дил фузуд.

## ҶОНИ ҶАҲОН

Ҷаҳон ҷисм аст агар, ҷони ҷаҳонам,
Ҷаҳон фонист агар, ман ҷовидонам.

Чӣ суд аз ин ҳама чуну чароҳо,
Ҳама ишқам, чунинам ё чунонам.

Шабе саршор аз ҷоми тариқат,
Шабе саршор аз зулфи бутонам.

Ба ирфони шукуфтанҳо расидам,
«Ҳазорон арғувонро арвуғонам».

Гаронбор омадам, нанҳодам аммо
Ба дӯши ину он бори гаронам.

Малоик аз вуҷудам дар шигифт аст,
Ҷаҳон ҷисм аст агар, ҷони ҷаҳонам.

## ХОБИ МОҲ

Як сӯ бинеҳ ҳисоби савобу гуноҳро,
Боз о! бидеҳ паноҳ дили бепаноҳро,

Медонам, осмон ба куҷо кӯч мекунад,
Медонам интизории беҳадди чоҳро.

Ойина бе ҷамоли ту имшаб чӣ тира буд,
Шустам ба ашки хотира хатти нигоҳро.

Бар худ расидан аст агар асли одамӣ,
Дар хеш роҳ меравам ин гоҳ - гоҳро.

Сар монда буд шаҳр дар оғӯши хастагӣ,
Медид хоби панҷараҳо, хоби моҳро.

Фасли шукуфаҳост, шукуфтан ғанимат аст,
Як сӯ бинеҳ, ҳисоби савобу гуноҳро.

## ҚОФИЛАИ РОЗ

Чӣ қадр хастаам аз худ, чӣ қадр холиам,
Ятими ишқ шудам дар бузургсолиам.

Намонда ҳеч маро,ҷуз садои бишкастан,
Дигар бубахш, пур аз вожаи сафолиам.

Ҳикояти ғазали сабз сӯхт ҷонамро,
Шабеҳи мазраъаи хушк хушки шолиам.

Маро шинохтан аз ину он чӣ осон аст,
Ки худ барои худ ойинаи мисолиам.

Аз ин билод, ки номаш фироқу танҳоист,
Нарафтаам тарафе, дар ҳамин ҳаволиам.

Ҳазор қофилаи розро сафар кардам,
Чӣ қадр хастаам аз худ, чӣ қадр холиам.

## БАЛОҒАТИ ЭЪҶОЗ

Ҳар субҳ ман зи ишқи ту оғоз мешавам,
Саршор аз балоғати эъҷоз мешавам.

Дигар бас аст фосилаҳоро қадам задан,
Пар мекашам зи худ, ҳама парвоз мешавам.

Беҳуда нест вожаи, эй дӯст, эй ҳабиб,
Шайхи Ҳиҷоз дар ҳарами роз мешавам.

Дар зиндагии мурдаи ман, гар биёӣ ту,
Бӯҳти сукут бишканад, овоз мешавам.

Сози ғазал бизан, дигар аз ҳар чӣ хастаам,
Сози ғазал, ки маст аз ин соз мешавам.

Боз о, маро ба хилвати матлуби худ бубар,
Ҳар субҳ ман зи ишқи ту оғоз мешавам.

## ЯК ҲУИ ДИГАР

Ҳолӣ чун аз мост майдон, боз як ҳуи дигар,
Бар ду олам даст афшон, боз як ҳуи дигар.

Он қадар табле бизан, то хун шавад ангуштҳо,
Бигзар аз ин хирқапӯшон, боз як ҳуи дигар.

Хондаам аз рӯйи ту, аз хам - хами гесуйи ту,
Сина – сина дарси Қуръон, боз як ҳуи дигар!

То фалакҳо, бо малакҳо пар кашидан ҳаққи туст,
Эй Бухоро, эй Хуросон, боз як ҳуи дигар.

Фасли ишқ аст, эй қаландар,
баъд аз ин бар даври худ
Чархи гардонро бигардон, боз як ҳуи дигар.

Зарра- зарра, то ҳама аз ҷилди тан берун шавем,
Ҳолӣ чун аз мост майдон, боз як ҳуи дигар.

## ҚАНДИ МУЖДА

«Гоҳе дилам барои худам танг мешавад»,
Ин тор бетаронаву оҳанг мешавад.

Ҳар рӯз, бас зи нокасу кас санг мехурам,
Дар синаам, ақиқи сухан санг мешавад.

То қанди мужда мерасад, эй тутиёни ноз,
Ойина пир дар қафаси занг мешавад.

Ҳар он кӣ хонд амири раҳи ишқ хешро,
Чун бингарӣ, ба рӯзи сафар ланг мешавад.

Вақте дилу забон нашавад бо Худо яке,
Тасебеҳи зикр риштаи найранг мешавад.

Шод аст, шод, агарчи дилам дар ҳавои ту,
Гоҳе дилам барои худам танг мешавад.

## РАҚСИ ПАР- ПАР

Дигар ба ишқ, бародар, салом бояд гуфт,
Ба осмон, ба кабутар, салом бояд гуфт.

Биё, ба расми муҳаббат канор бикшоем,
Дигар ба вожаи бовар, салом бояд гуфт.

Чӣ қадр замзамаи дастҳо тамошоист,
Ба рақси қомати пар-пар салом бояд гуфт.

Кӣ гуфт ишқ ҳамон саркашии зебо нест,
Ба рӯҳи саркаши Қайсар[2] салом, бояд гуфт.

Ҳамеша ин гузар аз ҳуи ишқ саршор аст,
Ба сарвҳои қаландар салом бояд гуфт.

Аз ин бигӯву магӯҳо дилам ба танг омад,
Дигар ба ишқ, бародар, салом бояд гуфт.

---

[2] Манзур зиндаёд Қайсари Аминпур аст.

## ОЙИНАИ ФАРЁД

Шаб намефаҳмад забони бумии мӯйи туро,
Субҳ менӯшад ба ҷои нур ҳу-ҳуи туро.

Об додам то саҳар ойинаи фарёдро,
Баъд аз он тафсир кардам байти абрӯйи туро.

Дасти ман созад парешон турраҳои ҳарфро,
Дасти шаб созад парешон атри гесӯйи туро.

Аз сари кӯҳи муҳаббат то нагардам вожгун,
Фурсате деҳ, то бигирам токи бозӯи туро.

Лол мемондам ба дунё, кӯр мебудам ба ҳашр,
Ман намедидам, агар чашми сухангӯйи туро.

Қиссаи зулфи туро ҳарчанд бо шаб гуфтаам,
Шаб намефаҳмад забони бумии мӯйи туро.

## ШАРҚИ ИШҚ

Чист ин хабар,ки бехабар аз ҷони худ шудам?
Ойина буд ишқи ту, ҳайрони худ шудам.

Бе сӯраи нигоҳи ту маъно надоштам,
Сӣ пора ишқ буд, ки Қуръони худ шудам.

З - ин пеш зиндагии ман орому сода буд,
Гесуйи ту чӣ дошт, парешони худ шудам?

Дар Шарқи ишқ сӯхтам аз оташи гуноҳ,
Дар Ғарби лухт ҷомаи имони худ шудам.

Хизре набуд, зинда кунад ҷони мурдаро,
Хизре набуд, чашмаи ҳайвони худ шудам.

Гуфтам туро мапурс, ки тафсири ишқ чист?
Чист ин хабар, ки бехабар аз ҷони худ шудам?

## ИНФИҶОРИ ГУЛ

Боз имшаб ситорабори гул аст,
Шамъу ойинаву хумори гул аст.

Моҳ дар санг реша мебандад,
Сабз, гесуйи мушкбори гул аст.

Лолаҳоро, биё, зиёрат кун,
Ба Худо, ишқ аз диёри гул аст.

Гесувонаш бунафшазори кабуд,
Кӯлабораш шукуфабори гул аст.

Аз ҳаво бӯйи ишқ меояд,
Баъд аз ин рӯз рӯзгори гул аст.

Ҳама аз хонаҳо бурун ойед,
Боғ дар боғ инфиҷори гул аст.

Аз тариқат мапурс, вақти баҳор,
Шайх ҳам маст дар канори гул аст.

## ҲУЗУРИ ЗАВҚ

Соқӣ, мапурс аз насабу аз низоми мо,
Болотар аст аз ин ҳама ҳуҷҷат мақоми мо.

Бишкаст мӯҳри тавбаи хумро дубора шайх,
Дигар макун диранг, ки холист ҷоми мо.

Бо номи ишқ мо сафар аз хеш кардаем,
Афтода гарчӣ аз назари чанд номи мо.

Фурсат ҳанӯз ҳаст, к-аз ин роҳ бигзарем,
Сарву санавбар аст баланд аз қиёми мо.

Эй зулфи печ-печ, чаро во намешавӣ?
Як печ ҳам нарафта дар ин хат каломи мо.

Дил аз ҳузури завқ ба меъроҷ мерасад,
Соқӣ, мапурс аз насабу аз низоми мо.

## БОҒ ВА ОФТОБ

Дузди боғ нестам, аммо дасти шавқ то фаросӯям,
Зарра-зарра ишқ меборам, зарра-зарра ишқ меҷӯям.

Реша- реша дар тамоми ман, ҳарчи ҳаст таъми гелос аст,
Қисса- қисса зулф мебофам, хӯша-хӯша шеър мегӯям.

Сахт бар ту кардаам одат, сарви сабру нозу тамкинам,
Барг-барг аз ту мерезам, барг-барг аз ту мерӯям.

Ранг-ранг мекунам тасвир, сурмабоғи чашмҳоятро,
Меҳрубони фасли лабхандам, гулфишони фасли гесӯям.

Меравам ба самти болотар, самти ишқ, самти боварҳо,
Рӯҳи хушкбори худро бо гулу гулоб мешӯям.

Боғ ҳамчунон пур аз гелос, офтоб ҳамчунон равшан,
Дузди боғ нестам, аммо дасти шавқ то фаросӯям.

## АТРИ РӮШАНИҲО

Баъд аз ин ҳар чӣ бод, бода биёр,
Чанд бояд кашид заҷру хумор,

Баргу боду дарахт мехонад,
Ғазал аз қомати парийи баҳор.

Як ду рӯзе ту ҳам чу фарвардин,
Дар худат,дар худат,бибору бибор.

Ин ҳама завқ аз ҳузури дил аст,
Варна чист, ин хутуту нақшу нигор.

Эй хушо дастҳо ба гардани хум,
Эй хушо дастҳо ба гардани ёр.

Боз о, боз о, маро пур кун,
Аз гулу атру рӯшаниву канор.

Ҷуз хумори ту ҳеч бар сар нест,
Баъд аз ин, ҳар чӣ бод, бода биёр.

## АЗ ФАСЛҲО…

Ту вақте омадӣ аз фаслҳо, дар боғ борон рехт,
Сафоли хушк будам ман, ба ҷонам атри райҳон рехт.

Ту вақте омадӣ, олуча гул мекард дар чашмам,
Баҳористони анфосат гулистон дар гулистон рехт.

Аз он сӯйи сукути даштҳо омад ҳавои ишқ,
Ба рӯйи шонаҳои шаҳр андӯҳи парешон рехт.

Ба ҳаққи Ҳақ, ба ҳаққи хум, ба ҳаққи ток, эй соқӣ,
Бигардон соғаратро, к- обрӯйи бодахорон рехт.

Чаманзорони гесӯят, ки дар ойинаҳо рақсид,
Дар ин хомӯшии мурдобҳо шӯри ҳазорон рехт.

Дар ин дунёи саргардон ду чашми ошно танҳо,
Ба истиқболи дастони ғарибам ашки пазмон рехт.

Каломи ту ба мо омӯхт ойини шукуфтанро,
Ту вақте омадӣ аз фаслҳо дар боғ борон рехт.

## ШАБЕ ДАР ЧАШМҲОЯТ

Шабе дар зулфи шаб печида будам,
Чу боронҳо сабук борида будам.

Ду чашмамро дубайтӣ кард чашмат,
Ғазал аз дасти ту нӯшида будам.

Ҳамон шаб аз дарахти осмонҳо,
Туро мисли ситора чида будам.

Дуои хайр кардам токҳоро
Чу май дар хештан ҷӯшида будам

Чӣ атре мевазид аз гесувонат,
Чӣ гулҳо аз чаманҳо чида будам.

Худо донад шабе дар чашмҳоят,
Таҷаллии Худоро дида будам.

## ҲУМОИ НИГОҲ

Ғазал чӣ гуна бигӯям барои чашмонат,
Чӣ қадр соф, самимӣ ҳавои чашмонат.

Набуд ин ҳама эъҷоз дар каломи ман,
Нагашта буд, агар ошнои чашмонат.

Туро чӣ гуна бигӯям ҳамеша мӯҳтоҷам,
Мани фитоданазар бар дуои чашмонат.

Чӣ ҷойи шакку тааҷуб, агарки боло рафт,
Баҳои сурмаи хат аз ҳиҷои чашмонат.

Шикаст, агар фалаки пир устухонамро,
Расонадам ба ҳумой, ҳумои чашмонат.

Бунафшазори нигоҳат дамида дар рӯҳам,
Ғазал чӣ гуна бигӯям барои чашмонат.

## РОЗИ ҒАЗАЛ

Охир сукути ишқ ба овоз мерасад,
Ҳақро завол нест, ба ҳақ боз мерасад.

Атри баҳор аз нафаси боғ мечакад,
Фасли шукуфтан аз чамани ноз мерасад.

Бингар, чӣ гуна медамад аз хок зиндагӣ,
Бингар, чӣ гуна ишқ ба эъҷоз мерасад,

Эй осмони хаста, хабар ин қадар бас аст
Ҳар дасти интизор ба парвоз мерасад.

То дар ҳавои ишқи ту лаб боз мекунам,
Рози ғазал ба Хоҷаи Шероз мерасад.

Эй интизори қофила, ғурбат тамом шуд,
Охир сукути ишқ ба овоз мерасад.

## МАН БОЗ МЕОЯМ...

Ман боз меоям ба дидорат рӯзе,
ки месозӣ фаромӯшам,
Дил меканам аз ҳар чӣ дунёист,
аз хештан ҳам чашм мепӯшам.

Ҳар шаб, туӣ, дар хобҳои ман нилуфари андӯҳ мекорӣ,
Бовар бифармо қиссаи зебо,
гӯё туӣ, ман гунги хомӯшам.

Ман бозмегардам ҳамон ошиқ,
ман боз мегардам ҳамон дарвеш,
Гесуйи боронҳост дар дастам,
кашкӯли ҳасратҳост бар дӯшам.

Як бори дигар мешавам такрор,
дар хотири сабзи санавбарҳо,
Бо ёди ёрон шеър мехонам,
бо фоли Ҳофиз бода менгӯшам.

Ҷуз як қалам, ҷуз як парешонӣ,
чизе намонда дар бисоти ман,
Аз созҳои зиндагӣ танҳо сози муҳаббат монда дар гӯшам.

Эй сарзамини ашкҳои моҳ,
эй сарзамини хандаҳову оҳ,
Ман боз меоям ба дидорат рӯзе,
ки месоэзӣ фаромӯшам.

## МИСЛИ БОРОН

Аз ғурури хештан бояд гузашт,
Аз ҳисори мову ман бояд гузашт.

Бесутун аст ин фалак,эй марди раҳ,
Аз фалак чун Кӯҳкан бояд гузашт.

Гар ҳавои шоирӣ дорӣ ба сар,
Аз дами теғи сухан бояд гузашт.

Гар туро бошад ҳавои кибриё,
Як ду гом аз хештан бояд гузашт.

Лаззате аз ишқ мехоҳӣ агар,
Мисли дил гулгункафан бояд гузашт.

Ҳамчу борон шуст бояд хешро,
Аз фиреби пираҳан бояд гузашт.

Зиндагӣ бисёр чун мо дидааст,
Аз ғурури хештан бояд гузашт.

## ТАБАССУМИ ГАНДУМ

*Ба ёди падарам Муҳаммадшариф*

Ту рафтиву лабханди гандум дигар шуд, падар,
Вагар содатар, зиндагӣ дарди сар шуд, падар.

Барои ҳамеша ҷудо гаштам аз кӯдакӣ,
Гули боғи маҳтоб бебаргу бар шуд, падар.

Бароям видоъе чунин талх осон набуд,
Чӣ гӯям, чиҳо аз қазову қадар шуд падар.

Худоё, чӣ шӯре, чӣ шавқе ба дил доштам,
Ҳама шӯру шавқам ҳабову ҳадар шуд, падар.

Хамегуфтӣ дунё тасаввури печида аст,
Тасаввури печида печидатар шуд, падар.

Ғами мондаро баъди ту зиндагӣ мекунам,
Ту рафтиву лабханди гандум дигар шуд, падар.

## ШУКУФТАТАРИН ПУНАЗОР

Он рӯзгор ҳадяи Парвардигор буд,
Ойина буд ишқи ту, берангу бор буд.

Фаҳмида буд хок таманнои обро,
Дар зеҳни боғ ҳасрати гулҳои пор буд.

Мехонд шаб таронаи марди ғарибро,
Маҳтоб пушти панҷара чашминтизор буд.

Он рӯзро ҳамеша ба хотир супурдаам,
Бар гунаҳои моҳи ту ранги анор буд.

Мекард дасти меҳри ту таъбир ишқро,
Чашмони ту хулосаи фасли баҳор буд.

Атри баҳор аз нафаси боғ мечакид,
Гесуйи ту шукуфтатарин пуназор буд.

Аз сар ҳавои ишқи ту ҳаргиз намеравад,
Он рӯзгор ҳадяи Парвардигор буд.

## ҲИНОИ ХАЁЛ

Баҳор омада, он ошно намеояд,
Дигар мапурс, бародар, чаро намеояд.

Тилисми фосила афтода дар миёни мо,
Хабар аз он тарафи ҷодаҳо намеояд.

Ҳавои ҳузн дар оғӯши лаҳзаҳо ҷорист,
Гирифтааст дилам, ишқ то намеояд.

Шикаста ҳурмати меҳру вафо магар, эй дӯст,
Касе ба дидани ойинаҳо намеояд.

Хати ҳинои хаёл он қадар ба хун печид,
Аҷаб, ки хуни хаёл аз ҳино намеояд.

Чӣ гуна мешавад ин ҳарфро таҳаммул кард,
Баҳор омада, он ошно намеояд.

## ҲАВОИ БОРОН

Агар аз хоки ғурбат рӯ занад гулҳои ҳиҷронат,
Биёбон «Бӯстон» гардад зи анфоси «Гулистон»-ат.

Ало шодобтар аз об, ало нилуфари маҳтоб,
Сафоли вожаҳо холист, ку гесуйи райҳонат?

Ҳавои дастҳоятро ҳамеша мебарам бо худ,
Ки одат кардаам ман сахт бар ойини дастонат.

Хушо аз худ чунон рафтан, чу масти ломакон рафтан,
Ба Чинободи зулфонат, ба Ҳиндустони чашмонат.

Хуросони нигоҳатро барои шаб кунам таъбир,
Ба муштоқон бидеҳ, охир, башорат аз Хуросонат.

Ва инак осмонро ҳам ба боғи хобҳо бурданд,
Биё, то сабз гардад ҷонам аз ҳу - ҳуи боронат.

## ХӮШАҲОИ САБЗ

Чу Юсуф хӯшаҳои сабзро анбор бояд кард,
Дигар вақт аст танҳо ишқро иқрор бояд кард.

Чу Иброҳими Адҳам масти «Байтуллоҳ»-и гесӯям,
Ҳар он чӣ ҳаст, ҳар чӣ нест, назри ёр бояд кард.

Чӣ суд, эй шайх аз он хамёзаҳои гунг дар меҳроб,
Ба қадду қомат ин меҳробро гулбор бояд кард.

Ба номи меҳрубонӣ суфраҳои меҳр бикшоед,
Ба хурмои муҳаббат ҳар шабе ифтор бояд кард.

Барои маснавии гесувонат боз дилтангам,
Тамоми вожаҳои хуфтаро бедор бояд кард.

Ҳавои хушксолӣ мерасад аз дастҳо имрӯз,
Чу Юсуф хӯшаҳои сабзро анбор бояд кард.

## МАРЗИ ИШҚ

Чун алаф сода достони ту,
Содатар дасти меҳрубони ту.

Тарсам, аз шаҳр як саҳар кӯчад,
Осмон бо кабӯтарони ту.

Кӯча дар кӯча гул ҳамеборад,
Ҳар кучҷое қадам бимонӣ ту.

Эй, хуш он кӣ шикори ту гардад,
Тири ишқ аст дар камони ту.

Роҳ рафтан чӣ қадр душвор аст,
Пушти парчини бозувони ту.

Моҳ аз марзи шаб гузар мекард,
Ишқ аз марзи гесувони ту.

Дӯст медорам ин тамошоро,
Чун алаф сода достони ту.

## БОҒИ МУҲАББАТ

Ин ҷо таронаҳо ҳама гулҳои Маряманд,
Ин ҷо дарахтҳо ҳама шеъри муҷассаманд.

Моро чӣ бок дар ҳарам, аз таънаи ҳариф,
Вақте ки ҳарфҳои ту оёти маҳкаманд.

Ҳар даст як шукуфаи боғи муҳаббат аст,
Он ҷо, ки чашмҳо ҳама ойинаи ҳаманд,

Аз зеҳни дашт мегузарад рӯҳи эътиқод,
Мардони ишқ софтар аз оби Зам-заманд.

Онон, ки рехтанд зи худ дар дами баҳор,
Аз хоки хеш тозаву тар боз медаманд.

Эй боғи интизор, дари баста боз шуд,
Ин ҷо таронаҳо ҳама гулҳои Маряманд.

## НИГОҲИ ШАРҚӢ

Нигоҳи шарқии чашмат ҳазор мӯъҷиза дорад,
Қасам ба ҳурмати оҳу, шикор мӯъҷиза дорад.

Дар ин бигӯву магӯҳо, ки шеър гум шуда дар ҳеч
Ҳанӯз ҳам ғазали зулфи ёр мӯъҷиза дорад.

Ман аз садои ту фаҳмидам, ай азиз, ки дар шаҳр,
Сукути панҷараҳо, интизор мӯъҷиза дорад.

Шукуфабор, чунин омадӣ ба дидаи муштоқ,
Ба д-ин қарор расидам, қарор мӯъҷиза дорад.

Зи хатти сабзаву борон, равам савод бигирам,
Ишора мекунад ин хат: баҳор мӯъҷиза дорад.

Ба як нигоҳ шикастӣ тамоми фосилаҳоро,
Нигоҳи шарқии чашмат ҳазор мӯъҷиза дорад.

## ҲИКОЯТИ САФАР

Биё, биё, ба вусъати вуҷуд,
Зи ҳасту нестҳо дигар чӣ сӯд.

Маро бубахш, ҳамсафар бубахш,
Ҳикояти сафар чунин набуд.

Кучост он дарахт, он баланд?
Кучост он чазираи кабуд?

Бисӯз бо тамомати яқин,
Ки ҳар чӣ ҳаст, оташасту дуд.

Баҳор омада пур аз нишот,
Пур аз шукуфаву пур аз суруд.

Ба меҳру ишқ боз ҳам салом,
Ба эътиқод боз ҳам дуруд.

## ҶИЛВАИ ҲАЙРАТ

Дар бедилакон нест хаёле, ки ту дорӣ,
Ғавғои биҳишт аст ҷамоле, ки ту дорӣ.

Зебойи ту қиссаи ҳурони биҳишт аст,
Дар Ҳинд надидам, хату холе, ки ту дорӣ

Эй кош, тавон дид замонрову ҷаҳонро,
Бо чашму дили поку зулоле, ки ту дорӣ.

Имшаб чӣ самоъест, на қиласту на қол аст?
Шарҳе натавон ёфт ба ҳоле, ки ту дорӣ.

Эй ҷилваи саршор дар ойинаи бедор,
Ҳайратзада мардум ба ҷалоле, ки ту дорӣ.

Гулбортар аз ранги баҳор аст хаёлат,
Дар бедилакон нест хаёле, ки ту дорӣ.

## ҲАРАМИ ИШҚ

То сӯраи гесуйи ту тафсири намоз аст,
Моро ба дари дӯст ҳама рӯи ниёз аст.

Шаб мегузарад, оҳ аз ин фурсати андак,
Шаб мегузарад, қиссаи зулфи ту дароз аст.

Чун ҷодаи афтода тарак хӯрда дилам боз,
Чун ҷодаи афтода пур аз шебу фароз аст.

Эй соқии фархунда, дигар чанд таҳаммул,
Бикшо сари хумро, ки тиҳӣ соғари роз аст.

Ойинаи ҳайратзада саршори тамошост,
Ин ҷилва ҳамон ҷилваи маъшуқи Ҳиҷоз аст.

Султону гадо дар ҳарами дӯст баробар,
То сӯраи гесуйи ту тафсири намоз аст.

## ҲАВОИ ҲАСРАТҲО

Абрӯйи қаламкашидаро бикшо,
Гесуйи ба қад хамидаро бикшо,

Талх аст дил аз ҳавои ҳасратҳо,
Лабҳои шакарчакидаро бикшо.

Чун сабзаи навбаҳор мижгонат,
Он сабзаи наврасидаро бикшо.

Дар чашми ту роҳи ман шабе гум шуд,
Субҳ аст, дубора дидаро бикшо.

Аз рӯйи биҳишт бӯса мехоҳам,
Оғӯши нафаснадидаро бикшо.

## ДУРДИ БОДА

Роҳ агар дур аст, Шабдезам куҷост?
Тешаву Фарҳоду Парвезам куҷост?

Ошиқам, риндам, харобам, соқиё,
Ҷоми ноби дурдомезам куҷост?

Аз хазон ҷону дилам омад ба танг,
Лолаҳои фасли гулхезам куҷост?

Нозанино, сар задан кори ту нест,
Аз чӣ гӯйӣ ханҷари тезам куҷост?

Масту ҳушёранд бо ҳам ин замон,
Ҳол, шайхи бодапарҳезам куҷост?

Ман ҳам эй дил, дар раҳи тақдири хеш,
Пири Румам, Шамси Табрезам куҷост?

## ДАРАХТИ ҒАЗАЛ

*Ба ёди Қаҳҳори Осӣ,*
*шоири ҷавонмарги афғон*

Даре бар он тарафи осмон кушод охир,
Зи худ гузашт, ба хуршед даст дод охир.

Ҳанӯз ишқ ҳамон ҳуҷҷати бузургон аст,
Шаҳиди ишқ дар ин хок сар ниҳод охир.

Пур аз шукуфаву лабханд, инчунин мемонд,
Дарахти меҳр, дарахти ғазал фитод охир.

Ба сӯйи ӯст сафар, ҳар чӣ ҳаст, яъне ӯст,
Намондааст на Хусрав, на Кайқубод охир.

Худои ишқ, Худои муҳаббату шодӣ,
Чӣ қадр ғусса биборад дар ин билод охир.

Зи бас ба вожаи дунё дигар намегунҷид,
Даре бар он тарафи осмон кушод охир.

## ОЙИНАИ ДИДОР

Эй дар талаби ёр биё, ёр ҳамин ҷост,
Ишроқ дар ойинаи бедор ҳамин ҷост.

Эй ҳамсафари ишқ, туро чанд бигӯям,
Шаҳре ба қадду қомати Аттор ҳамин ҷост.

То чанд дигар дар ҳарами роз бимонӣ,
Аз парда бурун ой, ки дидор ҳамин ҷост.

Товуси чаман баста ба сад риштаи ранг аст,
Эй чашм куҷо? Ҳайрати саршор ҳамин ҷост.

Гесуйи ту буд он кӣ шаби пеш ҳамегуфт,
Он қиссаи печидаи такрор, ҳамин ҷост.

Беҳуда куҷо меравӣ аз хонаи маҳбуб?
Эй дар талаби ёр, биё, ёр ҳамин ҷост.

## БАРОДАРИ ТОК

Эй шайх, шабе чун мо бепо шаву бесар шав,
Як шиша хароботӣ, як шиша қаландар шав.

Борони дуъо имшаб, мебораду меборад,
То сабз шавӣ чун мо, эй хушк, биё, тар шав.

Дилрештар аз хокем, дарвештар аз токем,
Бо хок баробар шав, бо ток бародар шав.

Киште ба дарав моро, досе ба гарав моро,
Эй Одаму, эй гандум, исёнгари дигар шав.

Ишқасту гуноҳе ҳаст, иксири нигоҳе ҳаст,
Заррин шуда соғарҳо, эй санг, ту ҳам зар шав.

Дар ишқ агар хомем, савдоии бадномем,
Эй шайх, шабе чун мо, бепо шаву бесар шав.

## ШӮРИ МАСТӢ

Ҷойи ҳайрат нест, гар санги мазорам гул кунад,
Сар диҳам бонги Аналҳақ, чӯби дорам гул кунад.

Хорҳо аз нокасу кас гарчи дар ҷони ман аст,
Бишкуфам он сон, ки ҳатто хор-хорам гул кунад.

Кош, бармегашт фарвардину ман бори дигар,
Дар зимистони дилам, мешуд, баҳорам гул кунад.

Дар дили худ зинда медорам ман ин уммедро,
Ногаҳон аз гарди ин саҳро саворам гул кунад.

Чилла - чилла менишинам рӯзадори чашми ту,
Он қадар, то дар дилам Парвардигорам гул кунад.

Хастаам аз нолае, к-аз шуру мастӣ холӣ аст,
Захмае ҳам нест, то сими дуторам гул кунад.

Реша- реша ишқи Ҳақ дар ҷони ман печидааст,
Ҷойи ҳайрат нест, гар санги мазорам гул кунад.

## НАФАСИ САБЗ

Боз чандест, ки дилтангаму дилтангтаринам,
Ба худам низ ба имони худам низ занинам.

Омадам, боз ман аз шоми ғарибон ба суроғат,
То ки аз токи нигоҳат ғазале тоза бичинам.

Омадам ханда ба лаб, гиря ба дил, ғарқи тамошо,
То ба кай, эй нафаси сабз, туро хоб бубинам.

Чашмат ойинаи Рум аст, зи ман рӯй магардон,
Арақи шарм гул андохта дар Чини ҷабинам.

Сарпаноҳи манӣ, эй мурғи ҳумоюни саодат,
Оҳ, бигзор, ки дар сояи номат бинишинам.

Гарчӣ ҳар рӯз дигар бошаду ҳар сол на имсол,
Ту ҳамонӣ, ки ҳамон будӣ ва ман низ ҳаминам.

## ДАР ЧАШМҲОИ МАСТИ ТУ...

Дар чашмҳои масти ту шӯри қиёмат аст,
Вақте дуои сабзи ту аз истиҷобат аст.

Мо мурдаем дар ҳаваси рӯят, эй азиз,
Бар мо бидам, бидам,ки дами ту кароматаст.

Хуш бод ёди шоири шӯридасар, ки гуфт,
Он маънии баланди ғазал, қадду қомат аст.

Мо худ шикастаему дили мо шикастатар,
Бори дигар шикастани ин дил чӣ ҳоҷат аст?

Дурем, дур, аз ҳарами гесувони ту,
Боре тавоф гирди ту айни ибодат аст.

Тоби нигоҳ бар ту надоранд ошиқон,
Дар чашмҳои масти ту шӯри қиёмат аст.

## ФАСЛИ ШУКУФТАН

Баҳор бо ҳама печидагӣ аҷаб содаст,
Баҳор пушти ҳамин кӯча, дар ҳамин ҷодаст.

Баҳорро ту тамошо кун аз баландии чашм,
Чаман шукуфта, дар оғӯши гул, гул афтодаст.

Биё ба боғ, ки фасли шукуфтани дилхост,
Баҳор, ҳамсафари ошиқони озодаст.

Бар ин диёр, диёри таронаҳои ғариб,
Баҳор, то бирасад, лола - лола хун додаст.

Бигӯ ба панҷараҳо аз баҳор, аз об, аз гул,
Баҳор, бо ҳама печидагӣ, аҷаб содаст.

## ОРЗУ

Маро аз роҳ мезад гесувони раҳзанат, эй кош,
Фаришта ваҳй меовард рӯзи рафтанат, эй кош.

Чаро ойинаҳо ин қадр имшаб меҳрубон ҳастанд,
Маро аз хештан мебурд дастафшонданат, эй кош.

Ҳар он чи доштам, аз даст додам, дар кафам бод аст,
Самоъе буд моро ҳам ба боди доманат, эй кош.

Куҷо ҳастӣ?, куҷо ҳастӣ?, хазон печида дар ҷонам,
Баҳор омад, гуле будам, гуле дар гулшанат, эй кош.

Бубин, дар оташи ишқи ту месӯзам, маро дарёб,
Бурун ояд Сиёвуши дилам аз гулханат, эй кош,

На ёру ёваре дорам, на тиру ханҷаре дорам,
Маро аз роҳ мезад гесувони раҳзанат, эй кош.

## ИШҚ-ИШҚ

«Бори охир ишқ мехоҳам бигӯям, ишқ- ишқ[3]»
Шаҳрдори ҳафт шаҳри орзӯям, ишқ- ишқ.

Қаҳтсолӣ гарчӣ дар рӯидану бишкуфтан аст,
Барзи бовар аз ту танҳо ман бирӯям,ишқ-ишқ.

Ишқ, эй маънии будан дар масири зиндагӣ,
Ин қаламравро барои ту бипӯям, ишқ – ишқ.

Дар миёни ин ҳама беморҳо, зангорҳо,
Рӯҳи худро дар зулоли ту бишӯям, ишқ- ишқ.

Эй табарзан, ту чӣ донӣ, ман намехушкам дигар,
Такдарахтам, мевазад аз чор сӯям, ишқ - ишқ.

Ҳасрати дигар надорам, марг агар фурсат диҳад,
Бори охир ишқ мехоҳам бигӯям, ишқ - ишқ.

[3] Ин мисраъ вом аст аз шоъираи азиз Фарзона.

## САДОИ ИШҚ

Садое аз садои ишқ хуштар нест, медонам,
Сафое аз сафои ишқ хуштар нест, медонам.

Ба қадри ҳоли худ, ҳар кас ҳавоҳое ба сар дорад,
Ҳавое аз ҳавои ишқ хуштар нест, медонам.

Туву шамшери чӯбине, ману шамшери рӯйине,
Балое аз балои ишқ хуштар нест, медонам.

Дар ин бозори гарми рангҳо, урёнии моро,
Қабое аз қабои ишқ хуштар нест, медонам.

Нигоҳе ҷисми хокии маро зар мекунад, рӯзе
Фане аз кимиёи ишқ хуштар нест, медонам…

Биё, дигар биё, то бишканад бӯҳти хамӯшиҳо,
Садое аз садои ишқ хуштар нест, медонам.

## ЯК СОЯ ҚАЛАМ

Мо масти аластем, ба кас кор надорем,
Ҷуз чашми шумо қиблаи дидор надорем.

Ҳайҳот, ки саҷҷодаи зоҳид ба гарав рафт,
Дар майкада ҷуз шайхи сабӯ ёр надорем.

Хуршед шудем аз алами сӯхтан охир,
Як сояқалам ҳасрати девор надорем.

Мо низ ба монанди ту дорем ҳавое,
Аммо, чӣ тавон кард, ҳаводор надорем.

Дарвеш касе дар ҳарами дӯст чу мо нест,
Ҳарчанд, ки мо хирқаву дастор надорем.

Ҳаллоҷвашонем, ҳама ишқу шаҳодат,
Мансуртаринем, вале дор надорем.

Бо номи ту байтулғазали дафтари ишқем,
Чун байти расо ҳоҷати такрор надорем.

## МАСТӢ БАҲОНАЕСТ...

Аз бехудии худ ба худойӣ расидаем,
Аз саҷда бар замин ба самойӣ расидаем.

Аз пири хум бипурс, чисон мо дар ин сафар,
Бо назри сар ба шишакушойӣ расидаем.

Мову висоли ишқи ту, мастӣ баҳонаест,
Урёндилем, агар ба қабойӣ расидаем.

Бар ресмони ишқу ҷунун чанг мезанем,
Бо дарки Рӯдакӣ ба Санойӣ расидаем.

Бишкаст устухони маро чарх, бок нест,
Иқболро бубин, ба ҳумойӣ расидаем.

Аз мост, ҳар чӣ ҳаст, савоб аст ё гуноҳ,
Аз бехудии худ ба худойӣ расидаем.

## ИН ШАРҲИ ШАРҲА-ШАРҲА

Он сар, ки роздори сари дор мешавад,
Аз шарҳи шарҳа-шарҳа хабардор мешавад.

Эй осмон, бибор, бибор аз сари савоб,
Дар боғ қадди дӯст сапедор мешавад.

То шаҳри ишқ аз нафаси хеш пул бубанд,
Рӯзе, ки чор сӯ ҳама девор мешавад.

Рӯзе, ки саф ба саф сафари ишқ мераванд,
Рӯзе, ки кӯчаҳо ҳама гулбор мешавад.

Фасли шукуфтан аст, чаро бешукуфаем,
Дар рӯзи ид ҳам гули мо хор мешавад,

Дунё ҳикояти ғаму лабханду гиря нест,
Дунё қиёматест, ки такрор мешавад.

## РЕШАИ ФАРДОИ МО

Ҳинду Чин дар зулфи ту овехта,
Рӯзу шаб бо чашми ту омехта.

Шӯрҳо дар шеърҳои шоирон,
Қиссаи абруйи ту ангехта.

Баски дар иқлими дастат, фаслҳост,
Боғҳо дар боғҳо гул рехта.

Решаи фардои мо ҳам хоки туст,
Гарчи ҳасрат хоки моро бехта.

Рӯ намо ойинаҳоро, эй парӣ,
Дев аз ойинаҳо бигрехта.

Бе ту мо ҳеҷем, эй зеботарин,
Ҳинду Чин дар зулфи ту овехта.

## РӮЗГОРИ ШОИРОН

Дӯст дорам даст гирам нахлҳои ҷодаро,
Нахлҳои дар сукути розҳо афтодаро.

Ҳар киро дидам, мураккаб зиндагонӣ мекунад,
Бар кӣ гӯям рӯзгори шоирони содаро.

Ҳеҷ кас монанди ман бадмасти хуношом нест,
Мемакам аз раг- рагат, эй ток, хуни бодаро.

Ишқ эҳсоси ғарибӣ мекунад дар шаҳри мо,
Ёдам орад қоби аз тасвирҳо афтодаро.

Дастҳоям гашта Маҷнун, зулфи Лайлоят куҷост?
Назри ишқат то намоям саҷдаро, саҷҷодаро.

Чун кабӯтар, нолаам аз чоҳи дил сар мекашад,
Меравам, дасте бигирам, нахлҳои ҷодаро.

## ЭЙ СОҚИИ АЗИЗ

Моро, ки рӯзгор ба ҷуз дарди сар надод,
Дил дод ҳар чӣ дошт, вале чашми тар надод.

Ин дасту пову дил ҳама бар ӯ ҳаром бод,
Бедасту по диле, ки ба пойи ту сар надод.

Парвонаи дуои дил аз арш бигзарад,
Бар одамӣ, кӣ гуфт, Худованд пар надод.

Дил нест он диле, ки дар ӯ нест шӯри ишқ,
Ишқ аз зуҳури хеш ба ҳар дил хабар надод.

Гул баст домани шафақ аз хуни орзӯ,
Шаб рафту як пиёла ба пири саҳар надод.

Моро дигар ҳалол кун, эй соқии азиз,
Моро, ки рӯзгор ба ҷуз дарди сар надод.

## ҲАРИРИ ХАЁЛ

Чу шаб бар тани нахлҳо бод печад,
Ҳарири хаёли ту дар ёд печад.

Бигӯ коҷҳоро, ки имшаб нахобанд,
Дар ойина гесуйи шамшод печад.

Ту рафтиву дар шеърҳои сукутам,
Қалам дар қалам сатри фарёд печад.

Бароят агарчӣ дилам танг гашта,
Ҳавои ту дар хотир озод печад.

Ману шиква аз ишқи Ширин,чӣ мушкил,
Дар ин Бесутун хуни Фарҳод печад.

Ду дасти хаёлӣ шавад печаки гул,
Чу шаб бар тани нахлҳо бод печад.

## МАҲТОБ ҒАЗАЛ МЕШУД

Дар панҷараҳо печид оҳиста шаби мармуз,
Гул рехт, гули соя бар долу дарахти ғӯз.

Мусиқии ғам дорад тасвири тамошоӣ,
Як барг табассум кун, эй ҳасрати ҳастисӯз.

Сад боғ шукуфо шав, сад суфра тамошо шав,
Бедортар аз дарё, саршортар аз наврӯз.

Маҳтоб ғазал мешуд дар хоби санавбарҳо,
Ин накш чӣ ишроқест, эй ҳамсафари гулдӯз.

Аз ҳар чӣ наменозӣ, бо ҳар кӣ намесозӣ,
Гесуйи ту шаҳрошӯб, абрӯи ту пандомӯз.

Он қадр гаҳе дурӣ, он қадр гаҳе наздик,
Дар чашми ту хобад шаб, аз дасти ту хезад рӯз.

## ИНТИЗОР

Ба майхона як шаб равам, шӯри маҳшар кунам,
Равам, то ки ойини пашмина дигар кунам.

Равам, то диҳам ҷумларо мужда аз васли дӯст,
Лаби хушки паймонаи ишқро тар кунам.

Ман аз шаб расидам, шаби қиссаҳои ҳазин,
Ки андӯҳи шабҳои чашми ту бовар кунам.

Чӣ дилтангам имшаб, дубайтӣ бароям бихон,
Дубайтӣ бихон, ёди гулҳои пар – пар кунам.

Кучоӣ, мусофир, нишинӣ сари суфраам,
Бароят ҳикоят ман аз нону ханҷар кунам.

Зи ғурбат наёйӣ агар, дар раҳат, эй азиз,
Сапедори танҳо шавам, хок бар сар кунам.

## ДАСТҲОИ МЕҲР

Шаби ғурбат ба ранги чашмҳои ту қасам хӯрдам,
Чӣ худхоҳӣ ба гесуйи ҳумои ту қасам хӯрдам,

Гуноҳамро, савобамро чӣ мепурсӣ дигар, эй дӯст,
Ба покии дили дардошнойи ту қасам хӯрдам.

Шабе дар маҳфили мастон, намедонам, чӣ шӯре буд,
Ба ишқи ту ғазал хондам, барои ту қасам хӯрдам.

Шаби ғурбат самоъи саҷдаҳо буду хами абрӯ,
Ба дастони пур аз меҳри дуои ту қасам хӯрдам.

Гиребончок дидам лолаҳоро дар мазори ту,
Дилам хун шуд, ба хуни лолаҳои ту қасам хӯрдам.

## ЧАРОҒИ СУХАН

Ҷилваи гул гулоб механдад,
Рӯ ба пирӣ шабоб механдад.

Дар харобот, чист мечархад?
Ин ҷаҳони хароб механдад.

Омаду зулфи нозро бикшод,
Шаш тараф печу тоб механдад.

Раг-раги ток хун ҳамегиряд,
Раг-раги хум шароб механдад.

Бо чароғи сухан басе гаштам,
Ҳар чӣ дидам, ниқоб механдад.

Ишқ эъҷози чашмҳои туст,
То дар он офтоб механдад.

## ОТАШИ ИШҚ

Гумном ошиқони фаромӯшем,
Фарёд мезанем, ки хомӯшем.

Дар ҳаққи мо ту ҳарф мазан ноҳақ,
Аз пой то ба сар ҳама тан гӯшем.

Борад шукуфа бар сари ту, аммо
Мо дар азои дӯст сияҳпӯшем.

Бигзар зи мо, ки майзадаи ишқем,
Бе изни ёр бода наменӯшем.

Ишқ ар бар ҷони мо назанад оташ,
Дар деги рӯзгор намеҷӯшем.

Бо ёди мо шароб бикаш, соқӣ,
Гумном ошиқони фаромӯшем.

## ТАРОЗӮИ ИШҚ

Ду рӯзе мешавад, ҷонам ҳаёҳуйи дигар дорад,
Дар ин шабҳо фурӯғи ишқ су-суйи дигар дорад.

Чунон дар хеш гум ҳастам, муриди шайхи хум ҳастам,
Намедонам, чаро имшаб дилам хуйи дигар дорад.

Гаҳе дар хеш сарсонам, гаҳе дар хеш ҳайронам,
Муҳаббат дар ҳарими ишқ фаросӯйи дигар дорад.

Шабе ҳам бода менӯшам, шабе ҳам чун бода меҷӯшам
Ҳисоби ишқ, медонам, тарозуйи дигар дорад.

Ғазал чун ёр зебо аст, муштоқи дили мо аст,
Ба ҳар паҳлу, ки гардад, боз паҳлуйи дигар дорад.

Дигар аз ман чӣ меҷӯйӣ, дигар аз ман чӣ мегӯйӣ,
Ду рӯзе, мешавад ҷонам ҳаёҳуйи дигар дорад.

## ШӮЪЛАҲОИ ҒАРИБӢ

Чӣ гуна роҳат бичархад забони мушкилписандам,
Ки шӯълаҳои ғарибӣ давида дар банд-бандам.

Нишастаам дар канори харобаҳои ҳазинат,
На метавонам бигирям, на метавонам бихандам.

Чӣ гуна ҳасрат наборад бароят аз шеърҳоям,
Барои ту шеър гуфтам, барои ту дардмандам.

Бубахш, имрӯз агар ман сухан ғарибона гуфтам,
Бубин, ки аз ғусса хам гашта шонаҳои баландам.

Ҳасад бубар, дил, бар онон, ки дар уфуқҳо шукуфтанд,
Қасам ба ҷуз аз шукуфтан, дигар дил аз ҳар чӣ кандам.

Гуноҳ мегашт сӯзам, сиёҳ мегашт рӯзам,
Агар намедод шабҳо санавбарони ту пандам.

Ҳам аз ғами ғурбати худ, ҳам аз ғами ғурбати ту,
Ҳазор, агар қисса хонам чӣ суд, агар нашнавандам.

## ТОКИ ҒАЗАЛ

Ду ракъат ишқ такбири ман аст имшаб,
Ҳамин токи ғазал пири ман аст имшаб.

Намозу саҷдаву саҷҷодаву абрӯ,
Ҳамин оёт тафсири ман аст имшаб.

Чунон печида гесӯят ба дастонам,
Чунин печида тақдири ман аст имшаб.

Куҷоӣ, шоири ойинаҳо, баргард!
Ғарибу хаста тасвири ман аст имшаб.

Ба ҳастии ту меорам паноҳ охир,
Ки ҳасту нест даргири ман аст имшаб.

Дар ин бунбаст роҳе ҳаст, медонам,
Ду ракъат ишқ такбири ман аст имшаб.

## ДИДОРАТ, ЭЙ АЗИЗ...

Баъд аз замони ишқ замон дар дилам шикаст,
Бори гарони ишқ, гарон дар дилам шикаст.

Райҳони ишқ буду ғаму ғурбату ғазал,
Худ донам, ин сафол чӣ сон дар дилам шикаст.

Дидорат, эй азиз фиғон буду орзӯ,
Ин пар кашид аз дилу он дар дилам шикаст.

Аз даштҳои фосила борон гузашту рафт,
Чашми ту тир буд, камон дар дилам шикаст.

Дигар чӣ мондааст аз он рӯзҳои сабз,
Дар шаҳри бе Билол азон дар дилам шикаст.

Дигар мапурс, аз сари сахтам чиҳо гузашт,
Баъд аз замони ишқ замон дар дилам шикаст.

## ИШҚ ОМАД...

Ишқ омад, обҳоро май кунад,
Банд- банди устухонро най кунад.

Ишқ имшаб бо « Фаридуддин» расад,
Ҳафт шаҳри ошиқиро тай кунад.

Кӯзагар дар коргоҳи зиндагӣ
Хоки моро зерурӯ то кай кунад.

Пири мо саҷҷодаи тоъат ба дӯш
Аз Бухоро рӯ ба сӯи Рай кунад.

Як нафас бо ёди ман ҳу-ҳу занед,
Ёди ёрон дар дилам ҳай- ҳай кунад.

Машкҳоро ҷумла дар об афканед,
Ишқ омад, обҳоро май кунад.

## ИКСИРИ ИШҚ

Шабе, эй ишқ, моро зерурӯ кун, зерурӯтар кун,
Саҳаргоҳи ҷунун ҳар қатра хунамро кабӯтар кун.

Ҳама андӯҳу доғам, бо шақойиқ нисбате дорам,
Ғуломи он шаҳидонам,маро чун лола пар-пар кун.

Чӣ ҳасратҳо,ки бишкасту чӣ ғурбатҳо,ки дар дил монд
Диламро шустушӯе деҳ, нигоҳамро муаттар кун.

Дигар безорам аз олам, дигар ночорам аз одам,
Шабе чун Шамси Табрезӣ маро бепову бесар кун.

Ҳадиси лолаҳои даштро танҳо ту медонӣ,
Фурӯзон шамъи ҷони мурдаро аз барқи ханҷар кун.

Дами сӯри туро мехоҳаму шӯри туро, эй ишқ,
Ба иксири нигоҳат ҷисми хокии маро зар кун.

## НАМОЗИ ШЕЪР

Як шоири ринди дилгадо ман,
Дар роҳи сухан бараҳнапо ман.

Навмед агар бигаштам аз чарх,
Дорам бас умед аз Худо ман.

Аз хуни дили сухан бубастам,
Дар панҷаи хотирам ҳино ман.

Аттор шабе ба хобам омад,
Дарёфтаам, ки аз куҷо ман.

Мансураму хома чӯби дор аст,
Бар хеш накардаам чиҳо ман.

Ҳар гаҳ, ки намози шеър хондам,
Хондам ба мурод ин дуо ман.

Ёрон, кафанам кунед аз шеър,
Чун даргузарам аз ин саро ман.

## СУФРАИ МЕҲРУ МУҲАББАТ

Шӯр дар сар буд, дарди сар набуд он рӯзҳо,
Суратам аз оби чашмам тар набуд он рӯзҳо.

Ҳар шабе бо моҳи заррин ишқбозӣ доштам,
Орзуҳоям гули пар-пар набуд он рӯзҳо.

Бонги нӯшонӯш меомад зи базми майкашон,
Хуни ғам дар шишаву соғар набуд он рӯзҳо.

Суфраи меҳру садоқат пеши ёрон боз буд,
Ҷойи нон дар суфраҳо ханҷар набуд он рӯзҳо.

Қоби тан пас мезанад, чандест, тасвири маро,
Бар баду неки ҷаҳон кайфар набуд он рӯзҳо.

Ёди ту дар дафтарам як мисраи андӯҳ шуд
Дар биҳишти чашми ту маҳшар набуд он рӯзҳо.

## КӮЧАИ ДИДОР

Пур аз ойинаам, аз кӯчаи дидор меоям,
Чу хуршед аз фурӯғи лаҳзаҳо саршор меоям.

Ҳадиси дӯстдориҳо хулоса мешавад дар ишқ,
Ту ҳам боре ду гоме пештар бигзор, меоям.

Ҳанӯз ин дасти ошиқ меҳрубинӣ мекунад тақсим,
Раҳо кун ғуссаҳоро, бо дафу сетор меоям.

Агарчи чор сӯямро ҳама девор мебинам,
Ба дидорат ба рағми ин ҳама девор меоям.

На аз оҳам, на аз сангам, ҳамон тасвири берангам,
Тамоми рӯзҳои рафтаро бишмор, меоям.

Гузаштам, оқибат, аз кӯчаҳои танги дилтангӣ,
Пур аз ойинаам, аз кӯчаи дидор меоям.

## Ӯ ЯК БАҲОР БУД...

Нишастему зор задем, хабар ногувор буд,
Чӣ сахт аст марги гул ва ӯ як баҳор буд.

Чу гул рафт бесадо, аз ин боғи лолагун,
Аҷал, оҳ, эй аҷал бигӯ ин чӣ кор буд?

Аҷаб дошт зиндагӣ, аҷаб кард бандагӣ,
Шабе рӯйи минбару саҳар рӯйи дор буд.

Ба даргоҳи офтоб саҳаргоҳ сар ниҳод,
Аҷаб хоксор буд, чӣ ғайраттабор буд.

Агар нест боварат, бипурс аз ҷаноби хум,
Амири қаландарон дар ин рӯзгор буд.

Саломаш шукуфа буд, ду досташ дуои хайр,
Кӣ буд ӯ! яке аз он ҳазорон ҳазор буд.

Чу лабханди рангҳо шабе рафту барнагашт,
Ҳанӯз аз таби замин Ватан лолазор буд.

## ГУЛИ ОҲ

Мо туро аз ҳамаи сӯхтагон бандатарем,
Аз гули оҳ дар ойина парокандатарем.

Эй маҳи парданишин, ошиқи бисёр турост,
Дар миёни ҳама мо ошиқи арзандатарем.

Ҳол агар марди гуноҳем ва гар марди савоб,
Ҳар кӣ ҳастем, ба ҳашр аз ҳама тобандатарем.

Мо надорем дар ин раҳ ҳаваси чашмаи Хизр,
Ёр то ҳаст Худо, аз ҳама пояндатарем.

То дари майкада мо рақскунон омадаем,
Қадри мо кам нашавад аз ҳама гар жандатарем.

Сирри ғайб аст, ки гуфтем ба сармастии шаб,
Мо туро аз ҳамаи сӯхтагон бандатарем.

## ЗИНДАГӢ

Имрӯз агар, ки ноб дорем,
Фардои дигар азоб дорем.

Як рӯз ҳавои чашми хубон,
Як рӯз ҳавои хоб дорем.

Як рӯз дили зи ғуссаҳо пир,
Як рӯз дили шабоб дорем.

Як рӯз сабӯйи бода дар бар,
Як рӯз кадуи об дорем.

Як рӯз агар кушодарӯем,
Як рӯзи дигар ниқоб дорем.

Дар рӯзи ҳисоб, то наларзем,
Чун ток таби шароб дорем.

Ҳар рӯз ҳама фирорӣ аз худ,
Ҳар рӯз ҳама шитоб дорем.

# САЛОМЕ АЗ ОЙИНАВУ ОБ

Зи по афтодам аз чашминтизорӣ
Бигӯ, дастам бигирад хоксорӣ.

Саломе дорам аз ойинаву об,
Саломе аз гули сурхи баҳорӣ.

Ба гӯш ояд садои гарми наврӯз,
Бурун ой, аз либоси сӯгворӣ.

Ба муҳри сурхи гул, саҷҷодаи барг,
Намози субҳ мехонад қанорӣ.

Хами абрӯйи ҷонон қиблаи мост,
Ба масчид омадам аз бодахорӣ.

Ду рӯзе гар напарҳезӣ ту аз мо,
Мани дарвешро ҳам дӯст дорӣ.

Кушо, соқӣ, сари хумро, ки мурдам,
Ки мурдам аз хуморӣ, аз хуморӣ.

## ХУШ БОШ

Хуш бош, дигар баҳор омад,
Як парда бихон, ҳазор омад.

Дар боғ самоъи сабзаву гул,
Сарсабзии рӯзгор омад.

Ҷон медамад аз ҳавои раҳмат,
Себаргаву гул ба бор омад.

Бигзор канор бори ғамро,
Бархез, ки ҳамканор омад.

Дунёст пур аз табассуми ранг,
Суратгари хушнигор омад.

Афсурдадилӣ дигар ҳаром аст,
Хуш бош, дигар баҳор омад.

## РАҚСИ ИШҚ

Он ёри сафаркарда омад зи сафар имшаб,
Ангушти ҳиноӣ зад оҳиста ба дар имшаб.

Эй моҳ, чӣ менозӣ дар авҷи фалак танҳо,
Бар моҳ, ки ман дорам, бинмой назар имшаб.

Ҷонам ҳама доғ аст, моҳам ҳама боғ аст,
Ман ҳеч намедонам аз зеру забар имшаб.

Аз бодаи муштоқон як ҷоми дигар, соқӣ,
Шояд, ки намемонем то субҳи дигар имшаб.

Саршортар аз мо кист, бедортар аз мо кист?
Аз боғи ғазал моро сарвест ба бар имшаб.

То чанд ғаму ғурбат, бархез ба рақси ишқ,
Он ёри сафаркарда омад зи сафар имшаб.

## БАҲОРИ ТАМОШО

Дар тангно мапеч, ки паҳност зиндагӣ,
Имрӯзро маноз, ки фардост зиндагӣ.

Ҳар рӯзи нав ба номи ту оғоз мешавад,
Аз ҳар кучой бигзарӣ, он ҷост зиндагӣ.

Он даст дасти туст, ки саршори раҳмат аст.
Пур кун қадаҳ, ки ҳамқадаҳи мост зиндагӣ.

Хуш он, ки ҳар саҳар сафари ишқ меравад,
Аз шавқи ишқ ин ҳама зебост зиндагӣ.

Дар ҷилвазори ранг, ки дунёст номи ӯ,
Як ҷилва аз баҳори тамошост зиндагӣ.

Ин гунбади баланд башарро башоратест,
Аз пастакон мабош, ки болост зиндагӣ.

## ҲОЛИ ДИЛИ МАН

Ин шаҳр ҳама хонақаҳи бодакашон аст,
Бикшо сари хумро, ки дигар амну амон аст.

Бар ҷони мани гумшуда дар хеш маханded,
Умрест, ки дар ҳар раги ман гиря равон аст.

Бошад, ки шабе шона ба мӯят бикашам боз,
Ҳоли дили ман қиссаи Мӯсову шубон аст.

Хоб омаду мо ранги шаби қадр надидем,
Ангор на ангор, ки ин ҷо рамазон аст.

Рӯзони шумо гумшуда дар беҳудаву ҳеч,
Шабҳои шумо гумшудаи зулфи бутон аст.

Ин кофари бадкеш мусалмоншуданӣ нест,
Охир, дили мо ҳам зи мусалмонтаборон аст.

## СОҲИЛИ ДИЛ

Имшаб ин тасвир ҳам аз қоб рафт,
Рӯшанӣ аз хонаи маҳтоб рафт.

Баски лолойӣ сурудам рӯзу шаб,
Осмон дар чашмҳоям хоб рафт.

Хизри ток омад, баҳорӣ шуд дилам,
Аз дили майхона то меҳроб рафт.

Кӯчаҳо аз нуқра пур шуд кам-камак,
Соҳили дил боз зери об рафт.

Пеш аз инҳо рӯҳам аз тан рафта буд,
Имшаб ин тасвир ҳам аз қоб рафт.

## ОНТАРАФТАР...

Онтарафтар дар фаросӯйи худам,
Бовари фасли парастуйи худам.

Дар сарое, ном ӯро зиндагист,
Ҳар кӣ ҳастам, бори бозӯйи худам.

Нимаи ман ҳамчунон дар рустост,
Кӯдаке дар хирмани хуйи худам.

Дӯст медорам дарахти бедро,
Беди мушкам, ғарқ дар бӯйи худам.

Дар самои ишқи ту дидам шабе,
Сурати такрори ҳу-ҳуйи худам.

Ҳосил аз тасвирҳо ҷуз ин набуд,
Онтарафтар дар фаросӯйи худам.

## ДАР ОРЗӮИ БОРОН

Ин рӯзҳо дили ман чоҳи бидуни об аст,
Ҳар шом обу нонам андӯҳу изтироб аст.

Эй пири бодахорон, эй мири шаҳриёрон,
Аз ҷон магӯ, малулам, аз дил магӯ, кабобаст.

Дарвеши роҳи ишқам, дилреши роҳи ишқам,
Бардор пардаҳоро, маъшӯқ дар ҳиҷоб аст.

Чашми туро чу дидам, дасти дуо кушудам,
Чашмам пур аз гуноҳ аст, дастат пур аз савоб аст.

Лабташна чун кавирам дар орзӯйи борон,
Ин рӯзҳо дили ман чоҳи бидуни об аст.

## ОШИҚИ БАҲОР

*Ба ёди Сайидҷамоли Фахриддин*

Бо замона чун насохт, аз замона рафт-рафт,
Содарӯву сodaдил, бебаҳона рафт-рафт.

Бо тамоми ҷазбаҳо, бо тамоми рангҳо,
Ошиқи баҳор буд, ошиқона рафт-рафт.

Баъди ӯ сабӯ шикаст, оҳ дар гулӯ шикаст,
Аз карона пар кашид, бекарона рафт-рафт.

Қиссаи баҳорро аз шукуфаҳо бипурс,
Хӯша, хӯша сабз шуд, дона-дона рафт-рафт.

Гарчӣ мисраъе нагуфт, бӯстони шеър буд,
Лола-лола сӯхт-сӯхт, шоирона рафт-рафт.

Аз шароби ҷовидон бо сабӯйи қудсиён,
Ҷовидона маст шуд, ҷовидона рафт-рафт.

## РОЗИ ЮСУФ

Чашм бикшо,чашми дил равшан шавад,
Хори хушки ғам гули савсан шавад.

Гул биборад дар масири бодҳо,
Рози Юсуф атри пироҳан шавад.

Гесӯ бикшо, рақс кун, чархе бизан,
Шаҳри дар худ мурда шӯрафкан шавад.

То куҷо деворҳо қад мекашед?
Ишқ, эй деворҳо равзан шавад.

Имшаб, эй лабханди гарми зиндагӣ,
Ҳар чӣ дорад дасти ту, аз ман шавад.

Зиндагӣ бе ишқи ту ҳеҷ аст, хеҷ,
Чашм бикшо,чашми дил равшан шавад.

## ЯК САҲАР…

Як саҳар ин бед ҳам Маҷнун шавад,
Як саҳар ин ашкҳо Ҷайҳун шавад.

Кӯчаҳо пур гардад аз овози ишқ,
Як саҳар ин кӯча ҳам гардун шавад.

Як саҳар дар хеш меларзад замин,
Дастҳо аз гӯрҳо берун шавад.

Осмон хуршедро девор нест,
Ишқ буд имрӯз, фардо чун шавад.

Соқиё, ҷоме биёвар пеш аз он,
К-ин сурохӣ бишканад ё хун шавад.

Ошиқи гесӯйи Лайлои туам,
Як саҳар ин бед ҳам Маҷнун шавад.

## БОРОНИ ТАВБА

Боло гирифт боз бигӯву магӯйи мо,
Коре кунем, шеър бихандад ба рӯйи мо.

Дар гирудори нафс ҳабову ҳадар шудем,
Ҳафтод бор омаду рафт обрӯйи мо.

Аз мо чу майфурӯши азал рӯй тофтаст,
Холист аз шароби садоқат сабӯйи мо.

Он рӯз дур нест, ки дунё дигар шавад,
Он моҳи рафта боз биёяд ба сӯйи мо.

Эй вой, агар суроғ нагирад зи мо ҳабиб,
Заҳр аст оби Хизр ҳам андар гулӯйи мо.

Мо ошиқони қомату ҷоми муҳаббатем,
Хуршед маст меравад аз ҳоюҳуйи мо.

Дар оташи гуноҳ асирему ҳар саҳар,
Борони тавба мечакад аз оби рӯйи мо.

## ҚИБЛАИ МО

Қиблаи мо зулфи кофаркеши туст,
Кист хуршед? Охирин дарвеши туст.

Ҳам чароғи хок нури чашми мост,
Ҳам калиди осмонҳо пеши туст.

То ба кай бегонагӣ бо ташнагон,
Ҳам сабӯ, ҳам бода, ҳам хум пеши туст.

Дӯст бояд дошт мисли лолаҳо,
Ҳар диле чун лола шуд, дилреши туст.

Панҷ навбат сар ба поят мениҳем,
Қиблаи мо зулфи кофаркеши туст.

## АЗ ОН ТАРАФИ ҶОДА

Ҳақ буду дами Ҳақ буд, Одам ба вуҷуд омад,
Ойинаи ҳасратҳо аз буду набуд омад.

Ҳам лаҳзаи ҳастӣ буд, ҳам лаҳзаи мастӣ буд,
Иблис ғурур ангехт, имон ба суҷуд омад.

Як ханҷара ангурем, як ханҷара Мансурем,
Гесӯйи ғазал бикшо, ҳангоми суруд омад.

Ин ҳол чӣ ҳоле буд, ин фол чӣ фоле буд?
Чун боғ гулафшон рафт, аз доғ кабуд омад,

Аз он тарафи ҷода наврӯз ҷавон бигзашт.
Аз ин тарафи ҷода пойиз чӣ зуд омад.

## ТАМОМИ ЗИНДАГИИ МАН

Чӣ гӯям аз хами абрӯйи ту, ин баҳс ирфонист,
Ку он ровӣ, ки имшаб қиссаи ойина ҳайронист.

Шукуфа хоб мебинад дарахти пири танҳойӣ.
Насими гесувонат гарчи ором аст, тӯфонист.

Ҳавойи шеърҳоям тираву абрист, маъзурам,
Ҳавойи чашмҳоят соф, тасвири Хуросонист.

Маро бо рӯҳи нахлистон ту охир ошно кардӣ,
Тамоми зиндагии ман ҳамон, яъне, хиёбонист.

Зи ҳасту нестҳо бигзар, ки ҷуз инсози дигар нест,
Ҳилоли ид омад, ҳол вақти бодагардонист.

Вуҷуди ман туро хоҳад, чуноне дашт боронро,
Аз ин ҳасрат чӣ мемонад, ба ҷуз ёде, ки боронист.

## ЧАТРИ ТАНҲОӢ

Боз ҳам кӯча-кӯча борон аст,
Боз ҳам хӯша-хӯша марҷон аст.

Чархи гардон, ҳазор ғурбату дард,
Шукри ин дам, ки бода гардон аст.

Ин дили мост дар баҳори баланд,
Чоктар аз гули гиребон аст.

Дастҳоят Ҳиҷози боварҳо,
Гесӯвонат намози ирфон аст.

Моҳи ишқ, аз куҷост ҳусн туро?
Ҳар чӣ ойина аст, ҳайрон аст.

Боз ҳам боз чатри танҳоӣ,
Боз ҳам кӯча- кӯча борон аст.

## САБРИ СОҒАР

Чӣ қадр хоки ғами интизор бар сар рехт,
Гуле ба мо нарасид аз баҳору пар-пар рехт.

Дар ин гузар чӣ қадар қомати гулафшон сӯхт,
Дар ин гузар чӣ қадар қомати санавбар рехт.

Чӣ дошт дасти ту, эй меҳрубон намедонам,
Ба шамъи ҷони мани мурда барқи ханҷар рехт.

Пур аз нишот, пур аз гул расид фарвардин,
Чу дид чашми туро, ҳайрати муаттар рехт.

Маро ба шайх чӣ кор аст, бода мехоҳам,
Куҷост соқии фархунда, сабри соғар рехт?

Тамоми ишқи туро сода зиндагӣ кардам,
Чӣ қадр хоки ғами интизор бар сар рехт.

## ЧӢ ХУРШЕД АСТ?

Чӣ хуршед аст дар чашмат, саҳарро об месозӣ?
Ва гар ойина гардонӣ, башарро об месозӣ.

Ба қадди сарв печида чунон дарёи гесӯят,
Хироми мавҷ меҷӯшад, гуҳарро об месозӣ.

Кӣ нозе инчунин дида, бинозам нозҳоятро,
Табассум мекунӣ ширин, шакарро об месозӣ.

Намедонам, каломи ту чӣ сеҳре дар ниҳон дорад,
Ки ҳатто ҷони сарди бешарарро об месозӣ.

Чӣ тафсире, чӣ тасвире, баҳори ранг меборӣ,
Ба ҳар ранге, агар хоҳӣ, назарро об месозӣ.

Ба даври ишқи ту чархад, ҳама ин чарх, медонам,
Чӣ хуршед аст дар чашмат, саҳарро об месозӣ.

## ҚАДДУ ҚОМАТИ ИШҚ

Ба чашми худ намеоям, зи бас дар хеш пинҳонам,
Иморат мекунам ҳар қадр худро, боз вайронам.

Чунон саргаштаам дар худ, туро даст аз сарам бардор,
Хуш он рӯзе, ки дастафшон ба пойи дӯст сар монам.

Агар қомат ҳамехоҳӣ, ба қадду қомати ишқам,
Агар мазҳаб ҳамехоҳӣ, ба мазҳаб шайхи Санъонам.

Ту худ донӣ, аз он суратпарастон нестам, аммо
Аз ин рангу аз ин тасвир чун ойина ҳайронам.

На ин буда баҳои ман дар ин бозор, ало мардум,
Чу Юсуф Мисрҳо дорам, агар имрӯз арзонам.

Ба андӯҳи ғариби ишқу ғурбат решапайвандам,
Ба чашми худ намеоям, зи бас дар хеш пинҳонам.

## ҶАЗИРАИ КАБУДИ СЕБ

Биё, ҷазираи кабуди себро хабар бигир,
Дарахтҳои хаставу ғарибро хабар бигир.

Самоъ меравад ба боли гул фариштаи насим,
Баҳор шуд, маризи бетабибро хабар бигир.

Нигоҳат аз шукуфа пур, каломат аз саломи об,
Биёву дастҳои бенасибро хабар бигир.

Чӣ қадр ишқ сода аст дар сукути чашми ту,
Ба ҳаққи дӯст, содаву наҷибро хабар бигир.

Баҳор ишора мекунад ба рӯзҳои сабзтар,
Биёву ин ишораи қарибро хабар бигир.

Ба дасту пойи мехкӯб зиндагӣ кунад замин,
Биё, Масеҳи монда дар салибро хабар бигир.

## ИКСИРИ ЭЪҶОЗ

Намебудӣ агар, эй ишқ, олам нақши холӣ буд,
Чӣ ҷойи ҳадсхониҳо, ки Одам нақши холӣ буд.

На ҳастӣ буд ҳастиро, на мастӣ буд мастиро,
На завқе буд дар ҷонҳо, ҳарам ҳам нақши холӣ буд.

Гуле сар барнамеовард аз чоки гиребоне,
На тасвире, на ранге сабзу хуррам, нақши холӣ буд.

Диле бо дилбари худ ишқбозиро намедонист,
Ғубори мурда буд ин хок, Замзам нақши холӣ буд.

Таҷаллии нигоҳи ту ҳамон иксири эъҷоз аст,
Намебудӣ агар, эй ишқ, олам нақши холӣ буд.

## ТОВУСИ ХАЁЛ

Ба қоби рӯзи хаста мекашам тасвири ҳолатро
Ва шаб медуздам аз ойина тасвири хаёлатро.

Туро ҳар рӯз мебинам ғарибу ошно дар шаҳр,
Дарахти пир танҳо медиҳад посух саломатро.

Ту монанди замин дар хеш мечархиву медонӣ,
Баҳори сабзи кулӣ мекунад таъбир фолатро.

Намегаштам чунин вайрон, намебудам чунин ҳайрон,
Агар фаҳмида будам лаҳҷаи чашмони лолатро.

Дар ин шабҳо, ки бахшидан дигар аз ёдҳо рафтаст,
Ба боғи хоб мебахшӣ табассумҳои колатро…

Ба рӯйи шаҳри ёғӣ соя аз ранги ғуруб афтод,
Ба қоби рӯзи хаста мекашам тасвири ҳолатро.

## САМОИ ГЕСӮ

Бидеҳ ратли гарон, то вораҳам аз саргарониҳо,
Дилам танг аст, ай соқӣ, чӣ ҷойи ҳадсхониҳо.

Мапурс аз зиндагӣ, к-он достоне печдарпеч аст,
Хулоса ҳасрату ғурбат, хулоса сахтҷониҳо.

Самои гесувонатро касе чун ман намефаҳмад,
Агар ҳамдил намеойӣ, чи суд аз ҳамзабониҳо.

Чӣ мекардам, агар шабҳо намебуд интизори ман
Ду дасти меҳрубони ту дар ин номеҳрубониҳо.

Нигоҳи хастаам гарчи пур аз андӯҳи пойиз аст,
Баҳоре ҳаст дар роҳе, баҳори гулфишониҳо.

Ҳамехандам сабук, аммо чӣ қадр ин қисса сангин аст,
Бидеҳ ратли гарон, то вораҳам аз саргарониҳо.

## ШЕЪРИ БОРОНҲО

Гули атри гулистонҳо дигар ёдам намеояд,
Самовоти найистонҳо дигар ёдам намояд.

Чунон афтодаам дар худ, ки номаш чоҳи танҳоист,
Ҳаёҳуйи хиёбонҳо дигар ёдам намеояд.

Диле дорам, диле, аз дасти ғурбатҳои дунё чок,
Гули чоки гиребонҳо дигар ёдам намеояд.

Ҳавои хушкборӣ он қадар биншаста дар рӯҳам,
Хутути шеъри боронҳо дигар ёдам намеояд.

Намедонам, чӣ тӯфон аст дар чашмони обият,
Ки мадду ҷазри тӯфонҳо дигар ёдам намеояд.

Ғазалҳоям агар хушкасту берӯҳ аст, маъзурам,
Гули атри гулистонҳо дигар ёдам намеояд.

## ҶОМИ УНС

То печутоби зулф кушуд, офтоб шуд,
Дунёи бекарон ҳама масту хароб шуд.

Имшаб шаби шукуфтани дилҳои ошиқ аст,
Эй бехабар зи дил, ту бирав, вақти хоб шуд.

Ҷойи шигифт нест, зи як ҷилваи нигоҳ,
Дар ҳафт шаҳри ишқ агар инқилоб шуд.

Вақт аст ҷоми унс ба гардиш биёварем,
Ангурҳо, ки доштам, охир шароб шуд.

Тасвири чашмҳои ту оғози ишқ буд,
Тасвири чашмҳои ту мазмуни қоб шуд.

Шаб буду ишқ буду сари зулфи розҳо,
То печутоби зулф кушуд, офтоб шуд.

## САМАРҚАНДИ НИГОҲ

Чу дар ойина шаб аз моҳи рӯят ноз меборад,
Ба машриқ аз Самарқанди нигоҳат роз меборад.

Ғазал имшаб намехоҳад, агар бо ман канор ояд,
Чаро дар чиннии андешаам овоз меборад.

Сукутамро парешон мекунад ушшоқи чашмонат,
Муноҷоти ғарибон инчунин аз соз меборад.

Чӣ нақше мекашӣ дар хоки ғурбатҳо ҳабиби ман,
Ки нақши ин иморат аз ҳамон оғоз меборад.

Баҳори рангҳоро дидаам дар пар-пари гулҳо,
Ба истиқболи дастонам гули парвоз меборад.

Кушо саҷҷодаи гесӯ ба қадду қомати дидор,
Чу дар ойина шаб аз моҳи рӯят ноз меборад

## ЭЙ ҲАМА ПОКӢ...

Ба эъҷози Масеҳи дастҳои худ баҳорам кун,
Ба нози чашмҳои масти худ рафъи хуморам кун.

Диле урдибиҳиштӣ доштам бо атри гесӯят,
Кунун пойизи дилтангам, биёву мушкборам кун.

Хазонрез аст дар рӯҳам, чу нахлистони маҷрӯҳам,
Ба фарвардини чашмонат саропо баргуборам кун.

Гули лабхандҳоятро барои ман бикор имсол,
Дар ин бемеҳрии дунё, ба меҳрат ҳамканорам кун.

Ғаме дорам нишобурӣ, диле дорам бухороӣ,
Биё, бо тири мижгони хуросонӣ шикорам кун.

Ба ҷуз ту, эй ҳама покӣ, киро гӯям гунаҳкорам,
Наҷотам деҳ аз ин барзах, дубора растагорам кун.

Чунон дар қаҳтсолӣ мондаам, танҳо ту медонӣ,
Ба эъҷози Масеҳи дастҳои худ баҳорам кун.

# ИН СЕБИ НАҚШДОР

*(Аз дафтари дубайтиҳо)*

## БАҲОРИ ШАВҚ

Баҳори шавқам, абрам, барқам, обам,
Фаротар аз савобу носавобам.
Тамоми ишқро боридам имшаб,
Вале дар чашми ту борони хобам

## ХОРИ ИШҚ

Сиришк аз ранги ҳайронам шукуфта
Биҳишт аз шавқи пинҳонам шукуфта.
Агарчи ишқи ту чун хор омад,
Гули ин хор дар ҷонам шукуфта.

## ГУЛИ НОЗ

Гули парвардаам мотам набинад,
Илоҳо, дар ду олам ғам набинад.
Гули нозам гиребон мекунад чок,
Илоҳо, чашми номаҳрам набинад.

## ОҒОЗИ РӮЙИШ

Баҳор овозҳои дилнишин аст,
Баҳор оғози рӯйиш дар замин аст.
Шабе дар пайкарам маҳтоб бишкуфт,
Шукуфтанҳои гул дар санг ин аст.

## СОҲАТИ ДИЛ

Суроғи одам ояд бехабар дард,
Хулоса, кай шавад ин мухтасар дард.
Худоё, сарбасар дард аст дунё,
Ба як дил чун бигунҷад ин қадар дард?

## ДУОИ ОРЗУ

Туву зулфи баланду моҳи рӯе,
Ману дасти дуову орзуе.
Чӣ дорад гардиши чашмат, чӣ дорад,
Ки гардонад маро кӯе ба кӯе?!

## ШАБЕҲИ КАҲКАШОН

Падар, дар хотирам оҳи ту монда
Парешон хирмани коҳи ту монда.
Дар он дунёи дури кӯдакиҳо,
Шабеҳи Каҳкашон роҳи ту монда.

## ДАСТИ КАЛИМ

Сухан аз ҳар чӣ ояд, ростин беҳ,
Хати ин ҷода аз хатти ҷабин беҳ.
Намефаҳмад касе моро дар ин шаҳр
Калими дасти мо дар остин беҳ.

## МУҲАББАТ

Бурун оварда ишқ аз хона моро,
Зад оташ пар-пари парвона моро.
Муҳаббат мекунад девонаро ром,
Муҳаббат мекунад девона моро.

## ФАСЛИ ҒУРБАТ

Дуо кун, осмон борон бигирад,
Сафар, эй ҳамсафар, поён бигирад.
Бишӯям фаслҳои ғурбатамро,
Садои мурда дорам, ҷон бигирад.

## ОБУ ГИЛ

Чӣ савдое, ки обу гил бисӯзад,
Расад фасли дарав, ҳосил бисӯзад.
Бисӯзад лаб ба лаб, гар ояд ин дард,
Вагар дар дил бимонад, дил бисӯзад

## БИМИРАД ИШҚ

Бимирад ишқ, агар исён набошад,
Бимирад дил, агар имон набошад.
Бигардад пора-пора курраи арз,
Агар сӣ пораи Қуръон набошад.

## РАҲИ ДИЛ

Раҳе хоҳам ба сӯйи манзили ту,
Шабе хоҳам равам то маҳфили ту.
Раҳи бисёр дар рӯи замин аст,
Хушо роҳе, ки поёнаш дили ту.

## СОҒАРИ ИШҚ

Чӣ медонӣ ту аз чашми тари ишқ,
Аз ин шавқ, аз баҳор, аз пар-пари ишқ.
Зи гардиш чархи гардун бозмонад,
Агар монад зи гардиш соғари ишқ.

## ТАКАЛЛУФ

Такаллуф ҳарфи такрор аст ин ҷо,
Тамошо шавқи асрор аст, ин ҷо.
Бубар бо худ маро то хонаи дӯст,
Чӣ қадр, эй дӯст, девор аст ин ҷо.

## РАНГИ ҲАЙРАТ

Чаман бишкуфта дар саҷҷодаи мо,
Ҳама роз аст ҳарфи содаи мо.
Бигӯ бар токҳо аз мо саломе,
Пур аст аз ранги ҳайрат бодаи мо.

## ЗАХМИ САДО

Ман аз ҳарфу ҳиҷо бишкуфтам имсол,
Чунон аз вожаҳо бишкуфтам имсол.
Зи чашмам сурма аз хуни ҷигар рафт,
Ман аз захми садо бишкуфтам имсол.

## ҚОБИ ДИЛ

Ҳар он чи ҳол мебинам, ҳаволист,
Давоми дастҳо то хушксолист.
Биё, пур кун маро аз қадду қомат,
Дилам қобест, к-аз тасвир холист.

## ЭЪҶОЗИ ШУКУФТАН

Чӣ оташҳост дар паймонаи ту,
Чӣ ҳайратҳост дар афсонаи ту.
Тариқи сӯхтан омӯхт, охир,
Маро дасти пур аз парвонаи ту.

## ТАБИ ГУЛ

Гиребон ханда зад, аз чокҳо рехт,
Таби гул шӯъла зад, бар хокҳо рехт.
Биё, рӯшан кунем андешаҳоро,
Шароби офтоб аз токҳо рехт.

## БА СӮИ РӮШНОӢ

Хушо шавқи садо дар бесадоӣ,
Хушо дасти вафо дар бевафоӣ.
Хушо аз чоҳи зулмат бозрастан,
Хушо рафтан ба сӯйи рӯшноӣ.

## ЭЪҶОЗИ ИШҚ

Сафоли хушкро райҳон кунад ишқ,
Вуболу куфрро имон кунад ишқ.
Матарсон аз ғами сипора моро,
Ки ин сӣ пораро Қуръон кунад ишқ.

## ҲАВОИ МУҲАББАТ

Ба меҳрат ҳамканорам кун, ки вақт аст,
Дубора растагорам кун, ки вақт аст.
Чунон аз хушкборӣ шармсорам,
Баҳорам кун, баҳорам кун, ки вақт аст.

## ДАРЁИ ЗИНДАГӢ

Гузаштам, бо сари боло гузаштам,
Дилам хун гашт, хун аммо гузаштам.
Аз ин дарё, ки номаш зиндагонист,
Ба дастам дасти тӯфонҳо гузаштам.

## АФСОНАИ ХОК

Аҷаб печида аст афсонаи хок,
Пари ҷибриливу парвонаи хок.
Ҳанӯз аз ишқ агар маст аст одам,
Шаробе ҳаст дар паймонаи хок.

## ТАҶАЛЛИИ ХУДО

Хушо маҳбуби дастони ту будан,
Чунон ойина ҳайрони ту будан.
Таҷаллии Худо дар чашмҳоят,
Хушо меҳмони чашмони ту будан.

## СЕБИ ТИЛО

Ситора аз фалак мағрур афтод,
Ба пойи шайхи ток ангур афтод.
Ҷавонӣ, себи тиллои биҳиштӣ,
Бар ӯ то даст бурдам, дур афтод.

## ҶУЗ ИН…

Ҳамеша дар фалак парвин набошад,
Ҳамеша дасти мо гулчин набошад.
Ба ҷони хеш оташ мезанам боз,
Бидонам, ошиқӣ ҷуз ин набошад.

## ИШҚИ МАН

Бигир ин даст, дасти боварамро,
Ҳама кишту ҳама баргу барамро.
Нигоҳи Шамсу ишқи Шамс хоҳам,
Ки то сӯзад китобу дафтарамро.

## ЭЪҶОЗ

Чу як эъҷоз меоям дубора,
Чу ишқу роз меоям дубора.
Барои дастҳои интизорат
Ман аз оғоз меоям дубора.

## БУХОРО

Ба боло меравӣ, аз мо саломе,
Тамошо меравӣ. аз мо саломе.
Ҳама ҳастем фарзанди Бухоро,
Бухоро меравӣ, аз мо саломе

## ГУЛИ САНГ

Чӣ дилтангам, чӣ дилтангам ман имшаб,
Чӣ берангам, чӣ берангам ман имшаб.
Биё, имшаб маро аз реша баркан,
Гули сангам, гули сангам ман имшаб.

## ТАМОМИ ОСМОН

Шабе, ки меҳрубон дар чашми ман буд,
Баҳори гулфишон дар чашми ман буд.
Шабе, ки моҳ бар ман даст медод,
Тамоми осмон дар чашми ман буд.

## ҶАҲОНИ ЗАХМ

Ватан! Инат набуд, онат намебуд,
Чаҳони захм дар ҷонат намебуд.
Зи баҳрат мегузаштам, мегузаштам,
Агар хуни шаҳидонат намебуд.

## САНГУ ОБ

Парида аз ду чашмам хоб имшаб,
Манам аз ишқ сангу об имшаб.
Худо, танҳо Худо донад, чӣ дидам,
Ману ойинаву маҳтоб имшаб.

## ФАСЛИ НИГОҲ

Хушо, дар хоки роҳи ту шавам сабз,
Чунон сабза ба роҳи ту шавам сабз.
Ман аз фасли ғарибӣ омадам зард,
Ки дар фасли нигоҳи ту шавам сабз.

## ГУЛИ РАНГИНКАМОН

Зи пушти симхори пора-пора
Ба дидори ту меоям дубора.
Ду дастонам гули рангинкамон аст,
Ду чашмонам, ду чашмонам ситора.

## ГУЛИ СУРӢ

Барои диданам фурсат накардӣ,
Баҳори ишқро қисмат накардӣ.
Гули сурӣ! Ба саҳро сар задӣ боз,
Ба гулдони дилам одат накрдӣ.

## АЗ ОЙИНА

Баҳори ноз аз нози ту омад,
Ҳавои ишқ аз сози ту омад.
Намедонам, ба ойина чӣ гуфтӣ,
Шаб аз ойина овози ту омад.

## ФИРОР

Лабамро бар лаби дарё бимонам,
Диламро бар дили саҳро бимонам.
Чунон аз шаҳри оҳанпо гурезам,
Ки бо танҳоиям танҳо бимонам.

## ЧАРОҒИ МОҲ

Дили бишкастае аз оҳ сӯзад,
Ҷаҳоне з-оташи як коҳ сӯзад.
Сари гӯре бисӯзад шамъи кофур,
Сари гӯре чароғи моҳ сӯзад.

## НАВОИ МЕҲРУБОНӢ

Шабе шӯру навое доштам, кош,
Шабе бо ту сафое доштам, кош.
Дилам пур аз навои меҳрубонист,
Ба пешат кош ҷое доштам, кош.

## БА ПОЙИ ДИЛ

Биё, имшаб дар ин соҳил бигирйем,
Бар ин андӯҳи беҳосил бигирйем.
Зи гиря гарчи коре барнаёяд,
Ба пойи худ, ба пойи дил бигирйем.

## БАРГИ РОЗ

Диле шӯридаву озода дорам,
Саре дар пойи хум афтода дорам.
Намози боданӯшон мустаҷоб аст,
Ки ман аз барги раз саҷҷода дорам.

## ҲАЗОРОН ХӮША

Ҳақиқат мешавад афсонаи ман,
Намемирад чароғи хонаи ман.
Мазорамро ба чашми кам мабинед,
Ҳазорон хӯша дорад донаи ман.

## ХУНИ ТОК

Ҳавас бар хуни гарми ток кардам,
Ҳавасҳои дигарро хок кардам.
Чу гандум то бирӯям боз аз хок,
Диламро мисли гандум чок кардам.

## БО ДАСТИ ХУД

Зи хуни токи ту сармастам имшаб,
Ҳар он чӣ ҳастам, аз ту ҳастам имшаб.
Худоё, аз кӣ нолам, аз кӣ нолам?
Туро бо дасти худ бишкастам имшаб.

## ШОҲИ ХУРОСОН

Хушо чашме, ки боронаш ту бошӣ,
Хушо хоке, ки райҳонаш ту бошӣ.
Самарканду Бухоро бегазанд аст,
Агар шоҳи Хуросонаш ту бошӣ

## ГЕСӮИ ҒАЗАЛ

Ду чашми ишқ бедор аст имшаб,
Ғазал гесӯйи дилдор аст имшаб.
Миёни ин ҳама андӯҳи дунё,
Намозам аз ту саршор аст имшаб.

## РӮҲИ УРЁН

Биёйи кош, дар ҷонам биборӣ,
Чунон дар рӯҳи ӯрёнам биборӣ.
Биёйӣ ғарқи борону шукуфа,
Ба дашти лухти дастонам биборӣ.

## АНГУШТАРИ ГУЛ

Шарарҳо дар пари хокистари мост,
Ҳама шӯри баҳор аз пар-пари мост.
Зи мо гарчӣ сулаймонӣ наёяд,
Гули номи ту дар ангуштари мост.

## НАСИМИ ЁД

Зи ту растам, ки то ҳу-ҳу расидам,
Ки хам-хам то хами абрӯ расидам.
Насими ёди ёри меҳрубонам
Бухоро будӣ, аз Омӯ расидам.

## ШАБИ МЕЪРОҶ

Гули вартоҷро фаҳмидам имшаб
Сукути коҷро фаҳмидам имшаб.
Ду чашмонат давоми осмонҳост,
Шаби меъроҷро фаҳмидам имшаб.

## ҶОМИ МОҲ

Шакарханди шароб аз шиша мерехт,
Гунаҳ кардам, савоб аз шиша мерехт.
Чу ҷоми моҳро бардошт соқӣ,
Чӣ дидам?! офтоб аз шиша мерехт.

## КӮЧИ ПАРАСТУҲО

Чӣ савдоҳо, ки дар дунёст имрӯз,
Нафас афсонаи фардост имрӯз.
Чӣ қадр имрӯз маҳзун чашмҳоят,
Магар кӯчи парастуҳост имрӯз.

## ТАБАССУМ ДАР ТАБАССУМ

Зи хум бигзар, хуморӣ шав ду рӯзе,
Зи ину он фирорӣ шав ду рӯзе.
Табассум дар табассум гул шукуфта,
Баҳорӣ шав, баҳорӣ шав ду рӯзе.

## САДОИ САБЗ

Чаро дилро намешӯйӣ, баҳор аст,
Намебинӣ, ҳаёҳуйи баҳор аст.
Ҳаво сабзу наво сабзу садо сабз,
Чаро аз худ намерӯйӣ баҳор аст.

## ҲИЛОЛИ МОҲ

Ғурури Шаҳрзод афсонаи мост,
Ҳилоли моҳи нав паймонаи мост.
Фалак бо мо агар бегонагӣ кард,
Малак хоки дари майхонаи мост.

## ҲУҶҶАТИ ИШҚ

Бигӯям, то чиҳо кардиву рафтӣ
Кабӯтарро садо кардиву рафтӣ.
Дар ин дашти ҷунун, дашти пур аз хун,
Диламро Карбало кардиву рафтӣ.

## ПЕРОҲАНИ РАНГ

Замин аз обу гул ойиназор аст,
Ҳаво аз абру борон мушкбор аст.
Чаман печида дар пероҳани ранг,
Гули тасвир меборад, баҳор аст.

## ҲАРФИ СОДА

Бимонад баргу борам то ҳамеша,
Ки мадюни баҳорам то ҳамеша.
Ба як ҳарфам, агар ҳам сода аст он,
Туро ман дӯст дорам то ҳамеша.

## БА САҲРО БОЗ…

Дили моро ба савдо мебарӣ боз,
Ту моро боз аз мо мебарӣ боз.
Чунон Иброҳими Адҳам ту моро,
Ба саҳро боз, саҳро мебарӣ боз.

## ДАСТИ НИГОР

Ҳама як шӯълае аз як дамастем,
Ҳама паймонаи бешу камастем.
Ҳама бозичаи дасти нигоре,
Ҳама бори гуноҳи Одамастем.

# САБӮЙИ РОЗ

*(Аз дафтари маснавиҳо)*

## ҲАМВАТАН

Ҳамватан! вақти алам кардан гузашт,
Решаи худро қалам кардан гузашт.

Ҳолиё, вақт аст, боз оем, боз,
Мо, ғарибон, аз раҳи дуру дароз.

Даври ҳам боз омадан аз ҳар диёр,
Бешу кам боз омадан аз ҳар диёр.

Ин сухан, эй ҳамватан такрор нест,
Ёри тоҷик он қадар бисёр нест.

Ҳамватан, эй ҳамватан, эй ҳамватан,
Дарди ман, андӯҳи ман, эй ишқи ман.

Кистам ман? шоири сабзинаҳо,
Шоири ойина дар ойинаҳо.

Дафтари шеърам сабӯйи ноб буд,
Дасти ман дар гардани маҳтоб буд.

Ҳолиё ёди Ватан дар ҷони ман,
Оҳу фарёди Ватан дар ҷони ман.

Дори ишқат то маро Мансур кард,
Ҷони сардамро чароғи нур кард.

Омадам, боз омадам ман пеши ту,
Хеши ту, дилреши ту, дарвеши ту.

«Бӯи Ҷӯйи Мулиён» овардаам,
«Ёди ёри меҳрубон» овардаам.

Ин сухан, эй ҳамватан, такрор нест,
Ёри тоҷик он қадар бисёр нест.

## МАН БА ДУНЁ ОМАДАМ…

Ман ба дунё омадам, банде набуд,
Дар нигоҳи ҳеҷ кас фанде набуд.

Ман ба дунё омадам, най нола дошт,
Пештар ин хок доғи лола дошт.

Решаи Мансур дорад хоки ман,
Хӯшаҳои нур дорад токи ман.

Қарнҳо дар чашми ман гирён ҳанӯз,
Қасрҳо дар чашми ман вайрон ҳанӯз.

Нури Ҳақ рӯҳу равонро додаам,
Бар саги нафс устухонро додаам.

Аз гуноҳу аз савоби ман мапурс,
Аз маҳу аз офтоби ман мапурс…

Бар сари худ офтобе доштам,
Дар бари худ моҳтобе доштам.

Офтобамро ба савдо бурдаанд,
Моҳтобамро ба яғмо бурдаанд.

Мурғи Ҳақ дар гӯши ман овоз дошт,
Сад малак дар чашми ман парвоз дошт.

Сар кашидам бар сари дунёи роз,
Мурдаам ман борҳо бо чашми боз.

Ман ҷавону пир будам аз азал,
Ман камону тир будам аз азал.

Хандаҳои осмонӣ доштам,
Мурда будам, зиндагонӣ доштам.

Шаҳри сангин сохтам аз хоки деҳ,
Риштаи ҷонам басе дорад гиреҳ.

Кӯдакӣ ғарқи гули олучаҳо,
Лолагардон дар миёни кӯчаҳо.

Фасли рӯъёи маро бурдаст бод,
Шаҳри худро ёфтам бе Шаҳрзод.

Чун майе ҷӯшидам аз ашки малак,
Чун найе рӯйидам аз рашки фалак.

Ҳайрати зардуштии оташ бубин,
Дар пари хокистарам оташ бубин.

Аз лаби тахрихи ман хун меравад,
Мурғи рӯҳи ман ба гардун меравад.

Зиндаам дар панҷаи табҳои марг,
Гашта сурх аз хуни ман лабҳои марг.

Пештар ин хок доғи лола дошт,
Ман ба дунё омадам, най нола дошт…

## ВАҲЙИ ИШҚ

Кист, гӯяд рӯҳу ишқ аз ҳам ҷудост?
Ишқбозӣ аввалин ваҳйи Худост.

Ваҳйи ишқи ту диламро тоза кард,
Ашки шамъи маҳфиламро тоза кард.

Ман намози ишқ бигзорам, хушо,
Сар ба хишти ишқ бигзорам, хушо.

Ман ҳавои тозаам дар шаҳри ишқ,
Мавҷҳо тозаам дар баҳри ишқ.

Ҳар тане дар об шуд, кай пок шуд?
Ҳар диле дар ишқ шуд, кай чок шуд?

Ҳам гулу ҳам хор бошад ишқро,
Ҳам сару ҳам дор бошад ишқро.

Гар якеро дар бари ёр оварад,
Дигареро бар сари дор оварад.

Марди раҳ охир ба манзил мерасад,
Шамъи ишқ охир ба маҳфил мерасад.

Омадам бар кӯйи ту аз дурҳо,
Аз раҳи Атторҳо, Мансурҳо.

Омадам аз қиссаҳои Шаҳрзод
Дар шаби меърочи дил бо нӯшбод.

Ишқ кашкӯле, ки ман дорам ба дӯш,
Ҳамчу лола нолаҳо дорам хамӯш.
Ишқ агар бурдаст ақлу ҳуши ман,
Ҳафт шаҳри ишқ шуд оғӯши ман.

Шукри ишқи ту, равонам медиҳад,
Муждаҳо аз осмонам медиҳад.

Шукри ишқи ту, Ватанро ёфтам,
Хештанро, хештанро ёфтам.

Чун насӯзам, чун нанолам баъд аз ин?
Ташнаи оби зулолам баъд аз ин.

Мастии Мансур дорад ишқи ман,
Ҷонамози нур дорад ишқи ман.

Ишқ омад, бар сари дорам кашид,
Ишқ омад, бар дили норам кашид.

Ишқи Ҳақ шӯр оварад, шӯр оварад,
Нури Ҳақ бар дидаи кӯр оварад.

Ишқро савдо намеояд ба кор,
Ишқро дунё намеояд ба кор.

Худ биҳишт ангезаи ишқ асту бас,
Ин фалак як резаи ишқ асту бас.

Ишк ҳаст ойинаи рӯйи биҳишт,
Ишқ моро мебарад сӯйи биҳишт.

Ишқ ҳам дарвоза дорад дар биҳишт,
Баргу бори тоза дорад дар биҳишт.

Войи он ки бехабар аз ишқ рафт,
Войи он ки беназар аз ишқ рафт.

## СӮРИ ШЕЪР

Нестам аз шоирони чокакӣ,
Хастаам аз шеърҳои оҳакӣ.

Шеър, яъне роз гуфтан бо Худо,
Шеър, яъне гиря дар вақти дуо.

Шеър бошад ҷони ман асрори рӯҳ,
Одамиро бошад он тӯмори рӯҳ.

Шеъру шоирро намебояд лагом,
Нест шоир зодаи рӯҳи ғулом.

Балки шоир сар кашад чун офтоб,
То дуои шеър гардад мустаҷоб.

Шеър бояд бар ҳама дунё расад,
Чун сурӯш аз ғайби дил бар мо расад.

Шеър бояд ҳамчу раҳ ояд ба кор,
Шеър бояд бишканад ҳам чӯби дор.

Шеър бояд куфрро имон кунад,
Шеър бояд хам сари шайтон кунад.

Ҷон бубахшад олами афсурдаро,
Оварад бар ҷӯш хуни мурдаро.

Шоире хоҳам ман аз чархи фалак,
Пеши девонаш намоз орад малак.

Шоире аз хештан берун равад,
Сӯраҳои шеър бар гардун равад.

Пири Румӣ бишнавад омин кунад,
Нардбони хешро пойин кунад.

## ЛАБЧАНГ

Шаҳрзод аз шаҳр рафт, афсона монд,
Ашки шамъу ҳасрати парвона монд.

Шаб шаби саҷҷодаву меҳроб буд,
Шаб набуд, ойинаву маҳтоб буд.

Шаб пур аз парвонаҳои бӯса буд,
Шаб пур аз афсонаҳои бӯса буд.

Бӯсаи Одам «Ҳаво»-ро маст кард,
Ҷони моро, рӯҳи моро маст кард.

Бӯса пайғоми дили озода аст,
Бӯса чун истораи афтода аст.

Дар лаби дил оҳро бӯсидаам,
Шаҳрзоди моҳро бӯсидаам.

Барги лабҳои гуле бодам диҳад,
Бӯсаҳои ошиқӣ ёдам диҳад.

Лайлии лаб хуни Маҷнун мемакад,
Зиндагӣ аз ҷони мо хун мемакад.

Бӯса меъроҷи дилу ҷон асту бас,
Бӯса бисмиллоҳи Қуръонасту бас.

Чун лабе рӯйи лабе хам мешавад,
Чашми лола ғарқи шабнам мешавад.

Эй лаби хунӣ, равонамро бибӯс,
Аз аташ мурдам, забонамро бибӯс.

Ман гадои бӯсаам, шоҳам кунед,
Аз ҳадиси бӯса огоҳам кунед.

Бутпарастам, бут ҳамон лабҳои туст,
Бут шикастан шӯри ёрабҳои туст,

Чашми ту бехонумонам мекунад,
Бӯсаҳои ту ҷавонам мекунад.

Базми хуршед аст дар шабҳои ту,
Хуни сад ток аст дар лабҳои ту.

Шаҳрзод аз шаҳр рафт, афсона монд,
Ашки шамъу ҳасрати парвона монд.

## ШАБ, ШАБИ МАҲТОБҲО

Эй Худо, имшаб шаби гулчидан аст,
Шаб, шаби бо ахтарон рақсидан аст.

Шаб, шаби маҳтобҳо, хуршедҳо,
Шаб, шаби парвозҳо, уммедҳо.

Шаб, шаби бо дӯст паймон бастан аст,
Шаб, шаби бишкастану пайвастан аст.

Шаб, шаби бедории ёрони ишқ,
Чанд ракъат гиря дар борони ишқ.

Шаб, шабе, ки боғҳо гул мекунад,
Шаб, шабе, ки доғҳо гул мекунад.

Шаб, шабе, ки аз табе ёдовар аст,
Шаб, шабе, ки аз лабе ёдовар аст.

Шаб, шаби ҷунбидани гаҳвораҳост,
Шаб, шаби рақсидани сайёраҳост.

Шаб шуду мастон ба мастон мерасанд,
«Андак- андак майпарастон мерасанд».

Моҳи ман бадру ҳилолам мекунад,
Безаволам, безаволам мекунад.

Шаб, шаби гул додану гул чидан аст,
Шаб, шаби рӯйи Худоро дидан аст.

## ИЛТИҶО

Ҳастиям аз ишқи ту, аз ишқи туст,
Мастиам аз ишқи ту, аз ишқи туст.

Бар дилу ҷонам, биё, оташ бизан,
Бар найистонам, биё, оташ бизан.

Шаҳри Маҷнун меравам аз дасти ту,
Сӯйи гардун меравам аз дасти ту.

Войи дил, эй войи дил, эй войи дил,
Хору гул мерӯяд аз як обу гил.

Хӯша-хӯша зулфи гандумгуни ту,
Чашми шаҳрошӯби шаҳрафсуни ту,

Гоҳ сангу гоҳ обам мекунад,
Хуни гарми офтобам мекунад.

Оҳ, аз ёдам мабар ин рӯзро,
Ин ҷунун, ин гармиву ин сӯзро.

Теғи абрӯ мекашӣ аз сар магӯ,
Оташам, аз хоку хокистар магӯ.

Дар кафи ту коҳ гардад, кӯҳи ман,
Медамад нилуфари андӯҳи ман.

Қисса аз майхонаҳо бар ман махон,
Қисса аз парвонаҳо бар ман махон.

Ҳамчу чашми ту дигар майхона нест,
Ҳамчу дасти ту дигар парвона нест.

Эй маҳи шабҳои танҳойӣ, биё,
Эй саропо шӯру шайдойӣ, биё.

Дар канорам як шабе хирман бизан,
Дар хами гесӯ гули савсан бизан.

Он ҳама ишқ, он ҳама чонам туӣ,
Он ҳама асрори пинҳонам туӣ.

Ҷойи ту дар хонаи чашмони ман,
Номи ту дебочаи девони ман.

Мениҳам лаб бар лаби хомӯши ту,
Рӯзи маҳшар хезам аз оғӯши ту.

Ҳастиям аз ишқи ту, аз ишқи туст,
Мастиям аз ишқи ту, аз ишқи туст…

## АНДӮҲИ САБЗ

Ҳамчу боғе бекасу беҳуда аст,
Ҳамчу моҳе хаставу афсурда аст.

Ҳамчу он шӯре, ки гилро мехурад,
Ҳамчу андӯҳе, ки дилро мехурад.

Ину он ҳар рӯз таркам мекунанд,
Дӯстон ҳар рӯз таркам мекунанд.

Ҳамнавое аз дили ман меравад,
Ошное аз дили ман меравад.

Бар суроғи ман намеояд касе,
Сӯйи боғи ман намеояд касе.

Оташи дил боз хокистар шудаст,
Шеърҳоям талху ҳузновар шудаст.

Печаки оҳе диламро мехурад,
Ҳасрате обу гиламро мехурад.

Хирмани коҳи падар ояд ба ёд,
Хандаву оҳи падар ояд ба ёд.

Ман дигар як тирамоҳи тираам,
Ғарқи ҳасрат, ғарқи оҳи тираам.

Боду борон, боду борон дар ман аст,
Баргрезон, баргрезон дар ман аст.

Ногаҳон фасли баҳоре мерасад,
Бар канорам ҳамканоре мерасад.

Ину оне боз ояд бар дарам,
Меҳрубоне боз ояд бар дарам.

Ҳамнавойе боз ёдам мекунад,
Ошнойе боз ёдам мекунад.

Чашмҳое боз мекобад маро,
Дастҳое боз меёбад маро.

Меравад аз хотирам озорҳо,
Дар раҳам гул медамад аз хорҳо.

## ЧОРДАРД

Маро чордарди Ватан зодааст,
Маро чордарди сухан зодааст.

Ҷудо гарчи аз ҷону ҷонон шудам,
Чароғи мазори ниёкон шудам.

Нагӯям абас зиндагӣ тай шудаст,
Фалак марҳами захми дил кай шудаст?

Зи Маҳмудҳо дидаам бас азоб,
Дарахти суханро зи дил додам об.

Сари ҷангро зери дор оваред,
Ниҳоли муҳаббат ба бор оваред.

Кунед анчари кинаро сарнагун,
Ватанро масозед ғарқоби хун.

Ғами марги точик обам кунад,
Азои азизон харобам кунад.

Азизон! Дилам дасти пурпина аст,
Дили ман сияҳпӯши сабзина аст.

Манам то қиёмат фаромӯши худ,
Сияҳпӯши марги Сиёвуши худ.

Фидо шуд вуҷудам барои Ватан,
Ҳама тору пудам барои Ватан.

Набудам нахи чархаи чархи дун,
Барои Ватан гаштаам синахун.

Маро бошад аз умри худ ифтихор,
Бимирам ба зери қаламчӯби дор.

Нарафт аз сару дил ҳавои Ватан,
Хушо ҷон супорам ба пои Ватан.

Ватан! Ҳамчу бонги азон зинда бош,
Ба рағми ҳама душманон зинда бош.

Ҳама тору пудам барои ту бод,
Ки буду набудам барои ту бод.

Фидои ту бодо сари сабзи ман,
Ватан, эй Ватан, эй Ватан, эй Ватан!

# КӮЧАИ БУНАФША ҲАШТ

*( Аз дафтари шеърҳои сапед)*

## ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистон,
Солҳо
Бори сангини ғурбатро
Рӯйи шонаҳои ғарибі худ
Барои ту таҳаммул кардам.
Солҳо
Ғурбатро дар худ
Барои ту қадам задам.
Ҷайҳуни дардро
Барои ту убур кардам.
Намедонам, шарҳи ин ҳадис
Дар кадом вожа мегунҷад.
Аммо медонам,
Зиндагии ман бидуни вожаи ишқ,
Яъне, Тоҷикистон,
Берангу холист…

## ПАНҶАРА

Ҳар чӣ
Аз мо мемонад,
Ишқ аст.
Ҳар чӣ аз шаҳр мемонад,
Панҷара аст!

## ХУМХОНАИ ХОБ

Намедонам чӣ таъбир
Аз зеҳни дастҳои ту мегузарад.
Аммо,
Дар жарфи хумхонаи хобҳоям,
Як пиёла
Субҳи бедорӣ
Барои дастҳоят
Ҷо мондааст.

## ТАМРИН

Ҳамеша
Туро мешунавам,
Ҳатто агар
Худро садо бизанам,
Ишқ чӣ тамринҳо дорад.

## САРГАРДОН

Дирӯз
Деҳкадаи чашмҳоят
Ҳар чӣ дошт, аз ман буд.
Имрӯз
Дар шаҳри дастҳоят
Саргардонам!

## ЛАҲЗАИ УБУР

Хушксолии завқ
Зеҳнамро мебалъад.
Борони калима мехоҳам…
Меоям
То лаҳзаи убур
Ва ҳис мекунам лаззати сукутро
Дар иштиёқи садо.

## ҚАФАСИ ХОК

Ҳама
Аз қафаси хок
Бурун хоҳем шуд.
Бо ҷомаҳои ранг-ранг,
Дар хуни орзуҳо.
Фурсат
Андак аст.
Марг
Парвои табассум надорад…

## ТАЪЗИЯИ БАРГ

Калимот
Он қадар дорам,
Ки
Барои марги як дарахт
Таъзияи барг бинвисам…

## БА ИН СОДАГӢ…

Дигар ба табъи ман
Бовар надошта бош.
Дигар наметавонам
Бо шонаи зебойи таъобир
Ғазали гесувонатро бинвозам.

Дигар наметавонам
Бо сурмаи калимот
Нози дубайтиҳои чашмонатро
Наққошӣ кунам.

Ҳар чӣ менигарам,
Калимот торик аст.
Маро бубахш,
Чароғи шеър
Ба ин содагӣ рӯшан намешавад!

## НИШОН

Чӣ қадар
Маро нишон мегирӣ?
Саропо захмам…
Ҷойе дигар
Барои нишон
Дар ман намондааст.

## БОЗГАШТ

Меоям
Аз ҷангали асотир
Дар сурати як дарахт,
Баланд, сабз, тановар!

Тасбеҳи парандагони ғарибро
Барг-барг менавозам.
Ва реша-реша зикри Ҳакро
Дар зеҳни хок мерезам.

Лутфан табарҳоро канор бигзоред,
Ба дарси ишқ
Хуш омадед!

## АНДӮҲ

Саршор
Аз
Андӯҳи нахлистонам.
Хиёбон
Чӣ қадар бепарвост.

## ҒАФЛАТ

Панҷоҳ сол мешавад,
Балки бештар.
Пиёлаи зиндагӣ
Рӯйи дастҳоям мечархад.
Аммо,
Тоза фаҳмидам,
Ҳар чӣ
Аз ин пиёла нӯшидам,
Ғафлат буд…

## ДАСТИ ЗАН

Сурат
Дар сиришти зан
Ниҳояти ҳусн нест,
Магар
Дастҳои ӯ.

Дасти зан, то меҳрубон аст, пир нест.

## ДУРДИ ҲАСРАТ

Тамоми зиндагиям
Дурди талхи ҳасратҳост.
Ин дурдро танҳо
Ба хотири ангури чашмҳоят
Дӯст медорам!

Агар
Ангури чашмҳоят набуд,
Ин пиёларо
Бедиранг,
Бар санг мезадам…

## ДАРАХТИ СЕБ

Аз
Дарахти
Қомати зан
Ишқ бояд чид.

Себ
Ҳаваси
Ҷоҳилон аст!

## ҲАРФИ ИШҚ

Зан…
Дар ҳеч
Қолаб намегунчад,
Магар, дар қолаби ишқ.

Гуфт:
– Туро дӯст медорам,
Ҳарам
Пур аз кабӯтар шуд…

## ХОКИСТАРИ МАРГ

Ҳар кӣ
Оташ зиндагӣ кард,
Аз
Хокистари марг
Боз,
Меруяд…

## ҲАҚҚИ ИШҚ

Чӣ касе
Метавонад,
Ҳаққи шукуфтанро
Аз
Дарахтон бигирад.
Чӣ касе
Метавонад,
Ҳаққи парвозро
Аз,
Кабӯтарон бигирад.
Чӣ касе
Метавонад,
Ҳаққи меҳрубониро
Аз
Дастҳои мо бигирад.
Ҳеҷ кас!
Ишқ
Ҳамеша пирӯз аст!

## ДАР ХИЁБОН

Чӣ дастҳое
Ишқ
Гадойӣ дорад.
Чӣ дастҳое.
Орзӯ.

Аммо
Чизе маро нест,
Чизе туро нест,
То рӯйи дастҳо бигзорем…

## БЕШ АЗ ҲАР…

Осмон,
Беш аз ҳар вақти дигар,
Бозтар аст.
Аммо
Ҳеҷ кас
Дар фикри павоз нест.
Фосила
То хатти парвоз
Як қадам хоҳиш аст,
Ва
Як қадам эътимод.
Танҳо,
Ба истиқболи ҳам
Бояд рафт…

## ЭЪТИМОД...

Гуфт:
– Аз ҳар кучҷой,
Биафтам,
Ба рӯйи дастҳои ту
Меафтам.

Ва дастҳоямро.
Барояш назр кардам…

## БОҒИ ГЕЛОС

Аз ҳама
Абрҳо гузаштам,
Барои офтоби дастҳоят.
Ва
Аз лабҳои ту фаҳмидам,
Таъми гелосро.
Ва боғ
Чӣ қадар зебост.

## ГУНҶИШК ВА ДАРАХТ

Дарахт,
Аз ҳисси барг,
Нарм-нарм,
Андак-андак,
Тамом сабз шуд.

Гунҷишк дигар кӯчак нест…

## БАХШИШ

Осмон
Аз чашми мо
Ғариб мегузарад.
Ва
Чӣ қадар
Аз бахшиш лабрез аст!

## САФАР

Тамоми
Зиндагии ман
Сафар буд
Барои мулоқот
Бо ту,
Эй ягонатарин!

## МӮЪҶИЗА

Чашмҳоят
Маро
Ба осмон ошно кард.
Дастҳоят
Ба меҳрубонӣ.
Гесӯвонат
Ба ғазал.

## ИШҚ

Мехоҳам,
Ҷангал биравам,
Дарахте бошам.

Дар шаҳр
Ҳеҷ кас
Фурсати салом надорад…

## ВАТАНИ ҒАРИБ

Дастҳоям,
Дер гоҳе мешавад,
Холӣ аст.
Ҳеҷ ғарибе
Ёди
Ин ватан намекунад…

## ПИРОҲАНИ ОРЗӮ

Духтари ошиқ
Дар хилвати танҳоии худ
Пироҳани орзӯ медӯзад.
Ва
Ҳазор-ҳазор замхми сӯзан
Дар ангушти хотир
Ишқро
Гиря мекунад…

## БАҲОР

Баҳор,
Чун ҳамеша,
Меояд.
Мехоҳам
Абре бошам
Ва
Сарнавишти ташнаамро
Бибораму биборам…

## ДАРС

Бигзор,
Ҳамон гуна, ки ҳастам,
Бимонам.
Бигзор...
Касе
Барои дарси ишқ,
Мадраса намеравад.

## ҲАСРАТИ ШУКУФТАН

Дирӯз
Боғ пур аз баҳор буд.
Имрӯз
Пушти дарҳои баста,
Дар хазон нишастааст.
Медонам,
Он чӣ моро
Боз
Ба ҳам меоварад,
Ҳасрати шукуфтан аст…

## ҚАСИДАИ БАЛАНД

Ишқи ту
Ҳамон
Қасидаи баланд аст.
Ҳар чӣ мехонам,
Ба поён намерасад.
Борҳо,
Дар ин қасидаи асрор,
Туро гиристаам!
Бесадо
Туро гиристаам,
Беашк.
Ишқи ту,
Ҳамон
Қасидаи баланд аст
Саршор
Аз
Замзамаҳои офтобӣ.
Агар
Ишқи ту
Дар ин қасидаи баланд
Таъбир мешавад
Пас бигзор,
Ин қасида ба поён нарасад.

## САҲМИ ИШҚ

Бигзор
Сода бошам
Мисли садои об,
Мисли як лабханди мусофир
Вақти убур
Аз хиёбони ташвишҳо!
Мисли наққошии як кӯдак
Дар
Сукути печидаи рангҳо,
Мисли каломи меҳровар…

Ҳақ бо туст,
Ман дарнамеёбам,
Тақвими
Зиндагии инсони муъосир,
Дар чанд фасл,
Тақсим мешавад.
Фаҳми он
Аз зеҳни ман дур аст!
Аммо,
Бовар кун,
Дар ин ҳама суитафоҳум
Саҳми худро
Аз ишқ хоҳам гирифт.

Бигзор сода бошам…

## МӮЪҶИЗА

Тамом
Хушк будам,
Маро ишқи ту
Ба
Рози шукуфтан ошно кард.

Раҳмати дастҳоят
Фосилаи ғурбатро
Дар
Ҳазорсолаҳо шикаст!

Насими
Муаттари гесувонат
Кавири вожаҳои берӯҳамро
Ҷон бахшид!

Ман дигар шоирам…

## ТАСВИРИ ХОТИРА

Ҳалқа-ҳалқа,
Печ-печ,
Баҳори гарми гесувонат
Аз
Лобалои ангуштонам,
Лағжид.
Ва
Табдил
Ба як пӯназор шуд.

Шаб
Худро канор кашид,
Атри субҳ
Дар сукути панҷараҳо
Ҷорӣ шуд.

Хоҳиш мекунам,
Чашмҳои нозатро,
Ҳар чӣ оҳиста бикшо!
Метарсам
Хутути мижгонҳои баландат
Тасвири хотираҳоямро
Ба ҳам мерезанд…

## МӮҲТОҶ

Ҳеҷ кас
Чун ман
Ба дастҳои ту
Мӯҳтоҷ нест.

Дастҳоятро аз ман бармагир,
Бидуни дастҳои ту
Дар партгоҳи замон
Сарнагун
Хоҳам рафт!

## ХОҲИШ ВА МАСТӢ

Як соғар
Мастӣ доштем,
Бирехт.
Як соғар
Хоҳиш доштем,
Шикаст.
Хуни
Ҳазор-ҳазор соқии ток
Бар гардани мост…

## ТАМАДДУН

Содатар,
Барои шумо,
Истилоҳи тамаддунро
Таъриф мекунам.
Тамаддун
Хотираҳое аз оҳан,
Аз бетун.

Тамаддун
Панҷараҳои хаста
Ва дилтанг
Дар ниҳояти танҳоӣ
Ва бӯҳти интизориҳо…

Зиндагӣ
Дар ин қаламрав
Ҳамеша
Дар мадори як калима мечархад,
Гирифторӣ.

Тамаддун, яъне шаҳр.
Ва дар ин тамаддун
Сурати ҳар кор бо иҷозат аст.
Ҳатто
Барои вуруд
Ба утоқи худ
Дар бояд зад…

## БУД, НАБУД…

Буд, набуд,
Дарахте анор буд.
Ва дар соҳати иштиёқи анор
Як духтар…

Як духтар,
Бо ҳазор- ҳазор қофилаи роз,
Бо ҳазор-ҳазор силсилаи гесӯ,
Дар ҳаҷлаи ноз,
То фаросӯҳо…
Дар як субҳ,
Ки исми он,
Дар истилоҳ, субҳи мардон аст,
Анор лабханди хун зад
Ва духтар,
Ба ишқ ошно шуд…

* * *

Субҳе баъд
Анор дона-дона аз худ фурӯ рехт
Ва духтар аз ашк…
Аз он ба баъд,
Ҳар чӣ буд, ашк буд
Ва интизорӣ…
Дига ҳеч набуд,
Магар интизорӣ…
Буд набуд,
Дарахти анор буд…

## ТАНҲО ДАСТҲОИ ТУ…

Танҳо
Дастҳои ту
Дар ин парешониҳо
Маро
Ба навозиш мешиносад…

Танҳо
Дастҳои ту
Дар ин номеҳрубониҳо
Маро
Ба меҳрубонӣ мехонад…

Дар тариқати
Дастҳои ту
Ба камол расидаам
Ва ишқро шинохтаам.
Агар
Дастҳои ту намебуд,
Ин ҳама
Рӯзҳои пуч
Ба чӣ кор меомад?!

# ФЕҲРИСТ

Гулназар. Қаламчаи сабзи қалам (Пешгуфтор)............. 3

## ФАСЛИ НИГОҲ
(Чаҳорпораҳо)

Ватан ..................................................................... 8
Эй диёри лолаҳо........................................................... 9
Ҳурмати хоки Ватан .................................................. 10
Дузди қисмат ............................................................. 11
Сарнома ................................................................... 12
Гувоҳӣ ...................................................................... 13
Таронаву бод ............................................................. 14
Духтари борон ........................................................... 15
Орзӯ ......................................................................... 16

## НИГОРИСТОНИ АБРӮ
(Бахши ғазал)

Ватан ....................................................................... 18
Ишқи Ватан ............................................................... 19
Зуҳури ишқ ............................................................... 20
Эъҷоз........................................................................ 21
Гули маҳтоб .............................................................. 22
Аз кавсари чашмонат ................................................ 23
Ин шаҳри сабз ........................................................... 24
Дар лавҳи дил............................................................ 25
Ғазали ойина ............................................................. 26
Назри мардум............................................................ 27
Дарахти дин .............................................................. 28
Ойинаву об ............................................................... 29
Нигористони абрӯ...................................................... 30
Ҳавои орзӯ ............................................................... 31
Дидор........................................................................ 32
Ду-се ратле ............................................................... 33

Ҳасрати шамшодҳо ........................................................34
Имрӯз ......................................................................................35
Ранг дар ранг ...........................................................................36
Тамрини хаёл ...........................................................................37
Шеър бихон ..............................................................................38
Ҷони ҷаҳон ...............................................................................39
Хоби моҳ...................................................................................40
Қофилаи роз .............................................................................41
Балоғати эъҷоз..........................................................................42
Як ҳуи дигар .............................................................................43
Қанди мужда ............................................................................44
Рақси пар-пар ...........................................................................45
Ойинаи фарёд ...........................................................................46
Шарқи ишқ ...............................................................................47
Инфиҷори гул ...........................................................................48
Ҳузури завқ...............................................................................49
Боғ ва офтоб .............................................................................50
Атри рӯшаниҳо.........................................................................51
Аз фаслҳо..................................................................................52
Шабе дар чашмҳоят ..................................................................53
Ҳумои нигоҳ .............................................................................54
Рози ғазал .................................................................................55
Ман боз меоям..........................................................................56
Мисли борон .............................................................................57
Табассуми гандум .....................................................................58
Шукуфтатарин пӯназор ............................................................59
Ҳинои хаёл................................................................................60
Ҳавои борон .............................................................................61
Хӯшаҳои сабз ...........................................................................62
Марзи ишқ.................................................................................63
Боғи муҳаббат...........................................................................64
Нигоҳи шарқӣ...........................................................................65
Ҳикояти сафар ..........................................................................66
Ҷилваи ҳайрат ..........................................................................67
Ҳарами ишқ ..............................................................................68
Ҳавои ҳасратҳо.........................................................................69
Дурди бода................................................................................70

Дарахти ғазал .......................................................... 71
Ойинаи дидор .......................................................... 72
Бародари ток .......................................................... 73
Шӯри мастӣ .......................................................... 74
Нафаси сабз .......................................................... 75
Дар чашмҳои масти ту .......................................................... 76
Фасли шукуфтан .......................................................... 77
Орзӯ .......................................................... 78
Ишқ-ишқ .......................................................... 79
Садои ишқ .......................................................... 80
Як соя калам .......................................................... 81
Мастӣ баҳонаест .......................................................... 82
Ин шарҳи шарҳа-шарҳа .......................................................... 83
Решаи фардои мо .......................................................... 84
Рӯзгори шоирон .......................................................... 85
Эй соқии азиз .......................................................... 86
Ҳарири хаёл .......................................................... 87
Маҳтоб ғазал мешуд .......................................................... 88
Интизор .......................................................... 89
Дастҳои меҳр .......................................................... 90
Чароғи сухан .......................................................... 91
Оташи ишқ .......................................................... 92
Тарозуи ишқ .......................................................... 93
Шӯълаи ғарибӣ .......................................................... 94
Токи азал .......................................................... 95
Дидорат, эй азиз .......................................................... 96
Ишқ омад .......................................................... 97
Иксири нигоҳ .......................................................... 98
Намози шеър .......................................................... 99
Суфраи меҳру муҳаббат .......................................................... 100
Кӯчаи дидор .......................................................... 101
Ӯ як баҳор буд .......................................................... 102
Гули оҳ .......................................................... 103
Зиндагӣ .......................................................... 104
Саломе аз ойинаву об .......................................................... 105
Хӯш бош .......................................................... 106
Рақси ишқ .......................................................... 107

Баҳори тамошо........................................................108
Ҳоли дили ман........................................................109
Соҳили дил........................................................110
Онтарафтар........................................................111
Дар орзӯи борон........................................................112
Ошиқи баҳор........................................................113
Рози Юсуф........................................................114
Як саҳар........................................................115
Борони тавба........................................................116
Қиблаи мо........................................................117
Аз он тарафи ҷода........................................................118
Тамоми зиндагии ман........................................................119
Чатри танҳоӣ........................................................120
Сабри соғар........................................................121
Чӣ хуршед аст........................................................122
Қадду қомати ишқ........................................................123
Ҷазираи кабуди себ........................................................124
Иксири эъҷоз........................................................125
Товуси хаёл........................................................126
Самоъи гесӯ........................................................127
Шеъри боронҳо........................................................128
Ҷоми унс........................................................129
Самарқанди нигоҳ........................................................130
Эй ҳама покӣ........................................................131

## ИН СЕБИ НАҚШДОР
(Аз дафтари дубайтиҳо)

Баҳори шавқ........................................................133
Оғози рӯйиш........................................................134
Шабеҳи Каҳкашон........................................................135
Фасли ғурбат........................................................136
Раҳи дил........................................................137
Ранги ҳайрат........................................................138
Эъҷози шукуфтан........................................................139
Эъҷози ишқ........................................................140
Афсонаи хок........................................................141

Ҷуз ин ........................................................................ 142
Бухоро ........................................................................ 143
Ҷаҳони захм ........................................................................ 144
Гули рангинкамон ........................................................................ 145
Фирор ........................................................................ 146
Ба пойи дил ........................................................................ 147
Хуни ток ........................................................................ 148
Гесӯи ғазал ........................................................................ 149
Насими ёд ........................................................................ 150
Кӯчи парастуҳо ........................................................................ 151
Ҳилоли моҳ ........................................................................ 152
Ҳарфи сода ........................................................................ 153

САБУЙИ РОЗ
(Аз дафтари маснавӣ)

Ҳамватан ........................................................................ 155
Ман ба дунё омадам ........................................................................ 156
Ваҳйи ишқ ........................................................................ 158
Сӯри шеър ........................................................................ 160
Лабчанг ........................................................................ 161
Шаб, шаби маҳтоб ........................................................................ 163
Илтиҷо ........................................................................ 164
Андӯҳи сабз ........................................................................ 166
Чордард ........................................................................ 168

КӮЧАИ БУНАФША ҲАШТ
(Аз дафтари шеърҳои сапед)

Тоҷикистон ........................................................................ 171
Панҷара ........................................................................ 171
Хумхонаи хоб ........................................................................ 172
Тамрин ........................................................................ 172
Саргардон ........................................................................ 172
Лаҳзаи убур ........................................................................ 173
Қафаси хок ........................................................................ 173
Таъзияи барг ........................................................................ 174

Ба ин содагӢ... 174
Нишон... 175
Бозгашт... 175
Андӯҳ... 176
Ғафлат ... 176
Дасти зан ... 177
Дурди ҳасрат ... 177
Дарахти себ ... 178
Ҳарфи ишқ ... 178
Хокистари марг... 179
Ҳаққи ишқ... 179
Дар хиёбон ... 180
Беш аз ҳар... 180
Эътимод... ... 181
Боғи гелос ... 181
Гунҷишк ва дарахт... 182
Бахшиш... 182
Сафар... 182
Мӯъҷиза ... 183
Ишқ... 183
Ватани ғариб... 183
Пироҳани орзӯ ... 184
Баҳор... 184
Дарс... 185
Ҳасрати шукуфтан... 185
Қасидаи баланд... 186
Саҳми ишқ ... 187
Мӯъҷиза ... 188
Тасвири хотира... 189
Мӯҳтоҷ ... 190
Хоҳиш ва мастӢ... 190
Тамаддун... 191
Буд, набуд... ... 192
Танҳо дастҳои ту ... 193

**Муҳаммадалии Аҷамӣ**

**ҲАР СУБҲ МАН ЗИ ИШҚИ ТУ ОҒОЗ МЕШАВАМ**


Ороиши *Орзу Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М. Саидова*
Муҳаррири техникӣ *Маҳмудҷон Муллоев*
Ҳуруфчинии компютерӣ *Шаҳрзоди Аҷамӣ*

Ба матбаа 17.09.2012. супорида шуд.
Ба чопаш 24.09.2012 имзо шуд.
Андозаи 60х84 $^{1}/_{16}$ Ҷузъи чопӣ 12,5.
Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи давлатии нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734018. ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев, 17а.

Дар ҶДММ «Офсет Империя» чоп шудааст.